Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №140-141(2967-2968) | ШАНБЕ, 17 НОЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Халқи мо дар баробари ҳифзи асолати мілливу динии худ бояд дорои ҷаҳонбинии илмии замони муосир бошад

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**16 ноябри соли 2012, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар таърихи ҳар миллат рӯйдодҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки дар сарнавишти минбаъдаи он нақши ҳалкунанда доранд. Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи ҳамин гуна рӯйдодҳои сарнавиштсоз аст, ки барои раҳойии давлати нав баистиқлолрасидаи мо аз оташи ҷанги харобиовар ва ҳамчунин барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки дастовардҳои баъдинаи халқи тоҷик аз татбиқи қарорҳои таърихии Иҷлосияи мазкур оғоз ёфтанд.

Бинобар ин, бо камоли самимият бистумин солгарди ин Иҷлосияи таърихиро ба тамоми мардуми сарбаланди Тоҷикистони азизамон, ки дар роҳи ҳифзи давлатдории миллӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдат ва худшиносиву худогоҳии миллӣ саҳми бузург гузоштаанд, самимона табрик гуфта, барояшон муваффақияту комёбиҳои шоиста орзу менамоям.

Имрӯз бо гузашти бист сол барои мо имконият фароҳам омадааст, ки ин рӯйдоди таърихиро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, барои таъмини рушди ҳамаҷонибаи кишвар ва дурнамои тараққиёти он хулосаҳои зарурӣ барорем.

Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти ҳадафҳои олии давлати соҳибистиқлоламон, дар давраи басо душвори сиёсии ҷомеа бо мақсади таъмини ҳар чӣ зудтари сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон, наҷот додани миллат аз вартаи буҳрони сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳифзи якпорчагии давлати мустақили тоҷикон, муҳайё намудани шароит ва заминаи мусоид барои барқарор намудани иқтисодиёти бар асари ҷанги шаҳрвандӣ харобгашта ва рушди минбаъдаи Тоҷикистон баргузор гардида буд.

Аз ин лиҳоз, ин санаи фархунда барои мо ҳам мояи ифтихор ва ҳам масъулияти бузург ба хотири ояндаи нек мебошад.

Ифтихор аз он, ки маҳз ҳамин Иҷлосия сарнавишти миллати тоҷикро дар як давраи бисёр ҳассоси таърихӣ муайян намуда, давлати моро аз хатари аз байн рафтан ва миллатамонро аз пароканда шудан наҷот бахшид.

Масъулияти бузург дар он зоҳир мегардид, ки мо вазифаҳои муҳиму таърихии ба дӯшамон вогузорнамудаи ин Иҷлосияи сарнавиштсозро бояд иҷро мекардем.

Хушбахтона, мо тавонистем бо такя ба хиради азалӣ ва дастгирии мардуми бонангу номуси тоҷик вазифаҳои муайяншударо дар муддати кӯтоҳи таърихӣ сарбаландона амалӣ намоем.

Иҷрои ин вазифаи муҳимро мо як ҷузъи ҳисоботи худ дар назди Ватан, давлат, миллат ва ҳар як шаҳрванди кишвари соҳибистиқлоламон меҳисобем.

Бояд зикр намоям, ки эҳёи давлатдории миллӣ аз масъалаҳои меҳварии таърихи муосири мо ба шумор мерафт, зеро бе мавҷудияти давлати миллии мустақил амалӣ гардидани орзуву ормони деринаи халқи тоҷик ва ҳадафу барномаҳои Ҳукумати кишвар ғайриимкон буд.

Бояд ҳамеша дар ёд дошт, ки барои мо имконияти давлатдории миллӣ баъди ҳазор сол муяссар гардид.

Худатон андеша кунед, ки агар ин давлати ҷавон дар гирдоби ғаразҳои бадхоҳони миллати тоҷик фурӯ мерафт, рӯҳи ниёгон ва наслҳои ояндаи миллат моро ҳаргиз намебахшиданд.

Дар он вазъияти мураккабу хавфноки соли 1992 ягона умеди баровардани кишвар аз гирдоби ҷанги дохилӣ ва пешгирии хунрезӣ ба таъҷилан даъват намудани Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста буд. Зеро дар он лаҳза Шӯрои Олӣ ягона мақоми сиёсии босалоҳият ва дорои ваколати конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт.

Сарфи назар аз шароити вазнини сиёсии баамаломада қувваҳои солими ҷомеа, неруҳои сулҳҷӯй, ашхоси худогоҳу ватандӯст ва некхоҳи ҷомеа зарурати ҳар чӣ зудтар даъват намудани иҷлосияи навбатиро бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ нисбат ба тақдири минбаъдаи насли имрӯзу фардои Тоҷикистон ба хубӣ эҳсос менамуданд.

Зеро ҳамагон дарк менамудем, ки ба таъхир гузоштани масъалаи даъвати Иҷлосия боиси боз ҳам аланга гирифтани оташи ҷанги бародаркушӣ, мураккаб гардидани вазъи сиёсӣ ва парокандашавии миллат мегардид.

Зиёда аз ин, ҳар як гурӯҳи силоҳбадаст ният дошт, ки бо истифода аз вазъи беҳокимиятӣ ҳадафҳои нопоки хешро амалӣ созад.

Дар чунин лаҳзаи ҳассоси таърихӣ мақсади ягонаи роҳбарияти нави Тоҷикистон, пеш аз ҳама хомӯш кардани оташи ҷанг, пешгирии хунрезӣ ва наҷот додани давлату миллат аз бадбахтиву парокандагӣ буд.

(Идома дар саҳ. 2)

**● Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



## Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 қабул шуд

**14 ноябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум доир гашт.**

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин ворид шуданд:

**1. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонд намудани муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоб намудани муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоб намудани узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Самадов З. М. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Муминов Қ. Ҳ. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Мирзоев А. К. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Самиев М. Р. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Зарифов Ф. З. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013»**

**10. Дар бораи ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷрои Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9 моҳи соли 2012 ва Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013.**

**РАИС**:- Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Масъалаи аввали рӯзнома «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонд намудани муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нидоев Нозимҷон аз вазифаи муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда мешавад.

*Дар ин хусус Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС**:-Акнун ба баррасии лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоб намудани муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мегузарем.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокиров Саидбой- раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд муовини раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда мешавад.

*Дар ин хусус Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС**:- «Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоб намудани узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи навбатии рӯзнома мебошад. Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадуллоев Нурулло Раҳматуллоевич –директори Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мешавад.

*Вобаста ба ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

Масъалаҳои навбатии рӯзнома-«Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Самадов З. М. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Муминов Қ. Ҳ. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Мирзоев А. К. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Самиев М. Р. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъин намудани Зарифов Ф. З. ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар алоҳидагӣ баррасӣ гардида, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» сараудиторон баъди ба вазифа таъин шудан савганд ёд намуданд.

**РАИС**:-Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони Маҷлиси намояндагон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати Буҷети давлатиро дар давраи миёнамуҳлат - солҳои 2013-2015 ба мақсади дар амал татбиқ намудани афзалиятҳои стратегии соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ки онҳоро Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муайян намудаанд, яъне таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳойии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, бехатарии озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, равона менамояд.

Аз ин лиҳоз, лоиҳаи Буҷети миёнамуҳлати давлатӣ дар асоси вазифаю супоришҳои Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди устувори минбаъдаи молияи давлатӣ, татбиқи афзалиятҳои стратегии соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ки онҳо аз Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, таҳия гардидааст.



Дар он татбиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018, Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, консепсияҳо ва барномаҳои тараққиёти соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва дигар бахшҳои иқтисодиёт, дархости вазорату идораҳо, вакилони Маҷлиси намояндагон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта шудааст.

Соли дуюм аст, ки лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои се соли оянда, яъне солҳои 2013 ва 2015 таҳия гардида, самтҳои асосии он ба мақсади таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, суръат бахшидан ба ислоҳот дар бахши идоракунии самараноки молияи давлатӣ тавассути ҷорӣ намудани механизми нави маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт, таъмин намудани устувории бозори молиявӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ, дар дараҷаи муайян нигоҳ доштани қарзҳои давлатӣ, таъмини сиёсати дохилӣ ва берунии ҷумҳурӣ, инчунин амнияти миллӣ ва бехатарии кишвар равона гардидааст.

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар моҳи августи соли ҷорӣ барои давраи миёнамуҳлат - солҳои 2013-2015 нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши реалии Маҷмуи Маҳсулоти Дохилиро дар доираи 7-8 фоиз, меъёри таваррумро 7-9 фоиз, индекси дефлятор 7-8 фоиз ва қурби асъори миллиро ба ҳисоби миёна 5,0 сомонӣ баробари 1 доллари ИМА муайян намудааст.

(Идома дар саҳ. 4)

## ҶАЛАСАИ МАШВАРАТӢ ОИД БА ЛОИҲАИ НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ «РОҒУН»

**13 ноябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони Бонки Умумиҷаҳонӣ, ширкатҳои машваратӣ, Сарвазири кишвар ва роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ҷаласаи машваратӣ доир намуд.**

Дар машварат масоили вобаста ба вазъи корҳои тадқиқотии асосноккунии техникию иқтисодӣ ва баҳодиҳии таъсири экологию иҷтимоии лоиҳаи бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» баррасӣ шуд.

Дар оғози ҷаласа доир ба натиҷаҳои вохӯрии машваратии навбатии ҳайати давлатҳои наздисоҳилии ҳавзаи дарёи Ому барои муҳокимаи ҳисоботҳои марҳилавии корҳои тадқиқотиву баҳодиҳии лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун», ки 6 ва 7 ноябри соли 2012 дар шаҳри Алмаато (Ҷумҳурии Қазоқистон) баргузор гардида буд, муҳокимаронӣ сурат гирифт.

Аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ Фаррух Ҳамралиев, ки роҳбари гурӯҳи намояндагони Тоҷикистон дар вохӯрии Алмаато буд, маълумот дод.

Назари Бонки Умумиҷаҳониро аз натиҷаи вохӯрии Алмаато директори минтақавии ин бонк Сароҷ Кумар Ҷа ва роҳбари бахши энергетикаи он дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ Ранҷит Ламек баён намуданд.

Сипас, аз ҷониби консорсиуми ширкатҳои машваратӣ, ки таҳти роҳбарии Ширкати «Коен эт Беллиер» фаъолият доранд, оид ба вазъи корҳои тадқиқотии асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» ноиби Президенти Ширкати «Коен эт Беллиер» Филлип Де Феликс ҳисобот дод.

Доир ба вазъи корҳои тадқиқотии асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» ҳамчунин директори Институти лоиҳакашии «Гидропроект»-и шаҳри Москва Павел Шестопалов ва директори Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» Хайрулло Сафаров изҳори андеша карданд.

Оид ба вазъи корҳои тадқиқотию баҳодиҳии таъсири экологию иҷтимоии лоиҳаи ин неругоҳ аз номи консорсиуми ширкатҳои машваратӣ роҳбари Гурӯҳи экспертҳои Ширкати «Пойри Энержи» Роберт Звален ҳисобот дод.

Дар ин бора ҳамчунин директори Муассисаи давлатии «Минтақаи зериобшавандаи Неругоҳи барқи обии «Роғун» Рамазон Мирзоев иттилоъ дод.

Доир ба мавзӯъҳои муҳокимашуда ҳамчунин чанде аз коршиносони ширкатҳои машваратӣ изҳори андеша карданд.

Дар охири ҷаласа Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон оид ба раванди омӯзиши имконоти иқтисодию техникӣ ва таъсири иҷтимоию экологии лоиҳаи неругоҳи мазкур андешаронӣ намуда, аз ҷараёни ҳамкории босамар изҳори қаноатмандӣ кард.

Зимни андешаронӣ доир ба идомаи босамари ҳамкории сохторҳои масъули Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони дахлдори Бонки Умумиҷаҳонӣ ва ширкатҳои байналмилалии машваратӣ дастуру маслиҳатҳои муфид дода шуд.

Аз ҷумла таъкид гардид, ки барои дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани вохӯрии минбаъдае, ки дар моҳи январи соли 2013 ба нақша гирифта шудааст, тамоми сохторҳои масъул бояд ҳамкориро вусъат бахшида, барои таҳия ва мувофиқаи ҳисоботҳои навбатии корҳои тадқиқотию баҳодиҳии лоиҳа чораҳо андешанд.

Дар баробари ин, таъкид гардид, ки корҳои тадқиқотии асосноккунии техникию иқтисодӣ ва баҳодиҳии таъсири экологию иҷтимоии лоиҳаи Неругоҳи барқи обии «Роғун», тибқи ҷадвали мувофиқашуда, ба роҳ монда шавад.

Изҳор гардид, ки дар асоси тадқиқоти байналмилалӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Бонки Умумиҷаҳонӣ вобаста ба ин лоиҳаи муҳим хулосаи дахлдор мебарорад.

*www.prezident.tj*

БА Садои мардум – обуна барои соли 2013 идома дошта, дар муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо, инчунин шуъбаҳои алоқаи почтаи шаҳри Душанбе қабул карда мешавад

Нархи солонаи обуна 98 сомонӣ мебошад.

# Халқи мо дар баробари ҳифзи асолати милливу динии худ бояд дорои ҷаҳонбинии илмии замони муосир бошад

(Идома аз саҳ. 1)

Хушбахтона, ба шарофати Иҷлосия ин рисолати таърихӣ иҷро гардида, давлатдории миллиамон аз вартаи фалокатбор раҳо ёфт. Танҳо худи ҳамин далел басанда аст, ки Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии мамлакатро аз муҳимтарин зуҳуроти тақдирсози таърихи муосири халқи тоҷик арзёбӣ намоем.

Омили муҳимтарине, ки бе он давлату давлатдорӣ вуҷуд дошта наметавонад, ин тамомияти ҳудудӣ маҳсуб меёбад. Зеро дар он рӯзҳои даҳшатбор нақшаи ба қисматҳо пора намудани давлати нави тоҷикон ба миён гузошта шуда буд.

Инчунин дар он солҳо низоми идоракунии давлатӣ ва сохторҳои ҳокимият фалаҷ гардида буданд. Яъне, тақдири мавҷудияти давлати миллии тоҷикон зери хатари воқеӣ монда буд.

Таърих гувоҳ аст, ки низоъҳои дохилии давомдор ва бесалоҳиятии ҳокимияти марказӣ боиси парокандагӣ ва нобудшавии миллатҳо ва давлатҳо мегардад.

Бо истифода аз чунин вазъият дар Тоҷикистон ин нақшаро на танҳо доираҳои муайяни хориҷӣ, балки баъзе аз сиёсатмадорон ва гурӯҳҳои сиёсии дохилӣ низ ҷонибдорӣ намуда, дар татбиқи он нахустин қадамҳои худро гузошта буданд, ки ҳамаи мо инро хуб дар хотир дорем.

Шаҳри Душанбе моҳияти сиёсии худро ҳамчун пойтахти кишвар ва хонаи умеди тамоми мардуми Тоҷикистон аз даст дода буд.

Бинобар ин, Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд, дар Қасри Арбоб, ки минтақаи нисбатан ороми кишвар буд, доир гардид ва аз ҳамин ҷо иқдомҳои аввалин ҷиҳати барқарории сулҳ ва ҳокимияти конститутсионӣ оғоз ёфтанд.

Иҷлосияи шонздаҳум имконият дод, ки тамомияти арзии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ягонаи мустақил ҳифз карда шавад.

Ба шарофати иродаи созандаи мардум дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ бо талошҳои шабонарӯзии Ҳукумати мамлакат ва дастгирии халқи тоҷик ягонагии Тоҷикистон таъмин ва пойтахти кишвар аз маркази муноқишаҳои сиёсиву муқовимати шаҳрвандӣ ба гаҳвораи ташаккули ваҳдати миллӣ мубаддал гардид.

Ин дастоварди низ ҳамчун самараи ояндасози Иҷлосия дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон абадан сабт хоҳад гашт.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи навро дар таърихи давлатдории тоҷикон оғоз намуд. Ба давраи бесарусомонӣ, кашмакашҳо ва талошҳои беҳудаи ҳарисони мансаб, ки ба иродаи қувваҳои бадхоҳи дохиливу хориҷӣ такя доштанд, хотима гузошта шуд.

Пас аз баргузории Иҷлосияи таърихӣ аён гардид, ки роҳбарияти нави давлат омода аст барои таъмини сулҳ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ ва ҳимояи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешад ва дар ин кор азму иродаи қавӣ дорад.

Дар ҷараёни кори Иҷлосия мо ба ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ эълон намудем, ки Тоҷикистон ҷонибдори ба роҳ мондани муносибатҳои судманди тарафайн дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, тарафдори таъмини ҳаёти осудаҳолона ва шоистаи ҳар як сокини Тоҷикистон мебошад.

Ҷомеаи ҷаҳон зимни таваҷҷуҳ ба кори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамфикриву ҷонибдориашро аз санадҳои қабулшуда ва азму иродаи роҳбарияти нави давлати Тоҷикистон дар хусуси барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ баён намуд.

Аз ин хотир, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти байналмилалӣ низ дорад. Санадҳое, ки дар он қабул шуданд, ҳам барои халқи тоҷик ва ҳам барои таъмини амнияти минтақа аҳамияти таърихӣ доштанд.

Қарорҳои қабулнамудаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мафкураи ҳар як сокини Тоҷикистон нақши муҳим гузошта, мардуми шарифи Тоҷикистонро ба корҳои созандагӣ ҳидоят намуданд, орзуву ормони халқро ба сохтори давлати демократӣ ва ташкили зиндагии осоишта қавӣ намуда, боиси афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба ҳокимияти конститутсионӣ гардиданд.

Дар баробари ин, Иҷлосияи шонздаҳум барои эҳё ва барқарор гардидани аркони давлатдории миллӣ ва ниҳодҳои асосии он заминаи мусоид фароҳам овард.

Ба ёд оваред, ки вазъ то ҳадде мураккаб гардида буд, ки аксарияти сокинони мамлакат дар ҳолати тарсу ҳарос буданд, ба ояндаи кишвар бовар надоштанд ва ҳатто барои ишғоли мансабҳои баланди давлатӣ розӣ намешуданд.

Маҳз ба шарофати ин Иҷлосия мо дар кӯтоҳтарин муҳлат тавонистем, ки сохти конститутсиониро барқарор намуда, фаъолияти ниҳодҳои пурра фалаҷшудаи давлатдориро аз нав ба роҳ монем.

Дар ин муддат Тоҷикистони соҳибистиқлол дорои сохтори мукаммали идорӣ, Ҳукумати фаъол, Артиши миллӣ, ҳокимияти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, рамзҳои давлатӣ, яъне Нишону Парчам ва дигар рукнҳои зарурии давлатдорӣ гардид.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ва иқдомоти пайвастаи роҳбарияти нави сиёсии интихобгардида барои хотима гузоштан ба ҷанги бародаркуш, гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, таъмини сулҳу суботи ҷомеа, барқарор намудани фаъолияти аркони давлатдорӣ, таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва оғози раванди бунёдкориву созандагӣ заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ гузоштанд.

Бояд зикр намуд, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти конститутсионии мамлакат саҳифаи нав кушод.

Маҳз дар ҳамин Иҷлосия як силсила тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи амалкунандаи Тоҷикистон ворид карда шуданд, ки аз як тараф мутобиқ ба талаботи замони нав буда, аз сӯйи дигар барои таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузоштанд.

Дар ин давра на танҳо мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, балки дар аксари минтақаҳои ҷангзадаи кишвар мақомоти маҳаллии ҳокимият низ пурра барқарор карда шуданд.

Ҳамдигарфаҳмии аксарияти кулли вакилони Иҷлосия, муттаҳид будани онҳо дар самти дарку эҳсоси якдилонаи масъалаҳои муҳиму тақдирсози мамлакат, ҳисси баланди масъулиятшиносии онҳо дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда боиси минбаъд таъмин гардидани заминаи ваҳдати миллӣ ва рушди ҷомеа гардиданд. Яъне, ба маънии дигар, дар он давраи мураккаби сиёсии мамлакатамон Иҷлосияи шонздаҳум нахустин иҷлосия буд, ки аксари вакилон дар атрофи Раёсати Шӯрои Олӣ муттаҳид гардида, санаду ҳуҷҷатҳои баррасишавандаро дастаҷамъона дастгирӣ мекарданд.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки дар ягон иҷлосияи дигар вакилони мардумӣ мисли Иҷлосияи шонздаҳум муттаҳид ва фаъол набуданд. Бинобар ин, бо истифода аз фурсати муносиб мехоҳам ба ҳамаи ширкаткунандагони Иҷлосия ва шахсоне, ки барои баргузор гардидани он кӯшиш ба харҷ додаанд, миннатдории худро баён намоям.

Дар марҳалаи баъдӣ Иҷлосияи шонздаҳум моро ба шоҳроҳи ваҳдати миллӣ ҳидоят намуда, ба рушду такомули он такони ҷиддӣ бахшид. Ғояҳои сулҳу оштии миллӣ ва афву ҳамдигарбахшӣ паёмҳое буданд, ки аввалин бор дар ҳамин Иҷлосия садо дода, баъдан ҷавҳари фаъолияти роҳбарияти тозаинтихоби кишварро ташкил намуданд.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки ҳарчанд мардуми шарифи Тоҷикистон ташнаи сулҳу ваҳдат буданд, таҳмилгарони ҷанги шаҳрвандӣ аз хориҷ ва дохили кишвар аз нақшаҳои ғаразноки худ даст намекашиданд.

Бинобар ин, дар Мурочиатномаи худ ба мардуми шарифи Тоҷикистон 12 декабри соли 1992 гуфта будам, ки «тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам…»

Ҳамчунин ниброз дошта будам, ки «ман тарафдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором кунем» . Ва ҳеҷ гоҳ ин суханони худро аз ёд намебарорам .

Воқеан, мо тавонистем, ки дар як муддати кӯтоҳ тақрибан як миллион нафар гурезаро ба Ватан баргардонида, садҳо ҳазор манзили вайрону валангор, мактабу биноҳои маъмурӣ, пулҳо ва иншооти дигари харобгардидаро, ки дар маҷмӯъ даҳ миллиард доллари амрикоиро ташкил мекард, бо азму талоши мардуми созандаву ободкорамон таъмир ва барқарор намоем.

Мехоҳам зикр намоям, ки ҷиҳати таъмини сулҳу субот ва пойдор гардидани сохти конститутсионӣ зиёда аз 150 ҳазор нафар ҳамватанонамон ҷони худро аз даст доданд, ки ҳеҷ гоҳ аз хотираи халқ фаромӯш нахоҳанд шуд.

Ниҳоят, пас аз панҷ соли талошҳои шабонарӯзӣ бо дастгирии мардуми шарифи Тоҷикистон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки соли равон 15 - солагии ин санаи таърихии ояндасозро бо ифтихор ҷашн гирифтем.

Таҳлили роҳи ноҳамвор ва пурпечутоби сулҳи тоҷикон ва эҳёи баъдиҷангии Тоҷикистон суҳбати тӯлониро мехоҳад. Вале ман ҳоло мехоҳам ду нуктаро махсус таъкид намоям.

Аввалан, сулҳи тоҷикон, пеш аз ҳама натиҷаи талошу заҳмати самимонаи фарзандони баномуси халқи тоҷик, пирӯз шудани хиради азалӣ ва фарҳанги сулҳофарии мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад.

Дигар ин, ки ҷиҳати ноил шудани мардуми тоҷик ба ин рӯзи саид кишварҳои ба мо дӯст ва созмонҳои байналмилалӣ низ саҳми муносиб гузоштанд.

Бинобар ин, бо истифода аз фурсат, миннатдории мардуми Тоҷикистонро ба Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои дар кишвари мо фаъолияткардаи он, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, инчунин ба кишварҳои кафили сулҳ иброз медорам. Халқи тоҷик дастгирии беғаразонаи онҳоро ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард.

**Дӯстони азиз!**

Дар заминаи қарорҳои таърихӣ ва рӯҳияи ваҳдатсози Иҷлосияи шонздаҳум ба мо муяссар гашт, ки таҳкурсии ваҳдати миллиро ба вуҷуд оварем.

Манзури ман, дар навбати аввал, сохтмони роҳҳои мошингарди аҳамияти дохиливу байналмилалидошта, нақбҳо ва неругоҳҳои барқи обӣ, хатҳои интиқоли барқ ва амсоли инҳо мебошад.

Роҳҳо, пеш аз ҳама аҳамияти иқтисодӣ ва иртиботиву иҷтимоӣ доранд. Вале вақте ин иншооти ҳаётан муҳим сохта мешуданд, мо илова ба барномаҳои иқтисодӣ ҳадафи ҷиддитареро дар назар доштем, ки роҳҳо чун рагҳои хунгард Ватани моро ба кишвари ягона ва миллати моро ба миллати воҳид табдил медиҳанд. Зеро роҳ пайвандгари қалбҳо маҳсуб ёфта, суннату фарҳанги минтақаҳои гуногуни кишварро бо ҳам наздик менамояд ва дар ташаккули ваҳдати миллӣ нақши муҳиму арзишманд мебозад.

Чунонки огоҳ ҳастед, чанд рӯз пеш бо ифтитоҳи нақби «Шаҳристон» кишвари мо аз бунбасти нақлиётӣ баромада, иртиботи доимии минтақаҳои он таъмин карда шуд.

Худ қазоват кунед, дар кишваре, ки минтақаҳои он дар як сол қариб шаш моҳ бо ҳам робитаи наздик надошта бошанд ва мардуми он аз ҳоли ҳамдигар бехабар монанд, чӣ гуна метавон ваҳдати миллиро ҳифз кард ё онро таҳким бахшид?

Маҳз робитаи ҳамешагӣ тафаккури мардумро аз доираи маҳдуди деҳаву маҳал ва минтақа берун оварда, иттиҳоди воқеии миллат ва ягонагии кишварро таъмин менамояд.

Дар ин давра ба Ҳукумати мамлакат муяссар гардид, ки шабакаи ягонаи энергетикии кишварро ба вуҷуд орад, ки он на танҳо омили баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум, балки яке аз василаҳои таъмини амнияти миллӣ низ маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин ба мо муяссар гашт, ки шабакаҳои сартосарии иттилоърасониро дар сатҳи кишвар барпо намоем.

Имрӯз мавҷҳои шабакаҳои радио ва телевизони Тоҷикистон тамоми нуқтаҳои кишварро фаро гирифтаанд, ки ин яке аз омилҳои таҳкимбахши ваҳдати миллӣ буда, барои ташаккули тафаккури ягонаи миллӣ нақши муҳим мебозад.

Масъалаи дигаре, ки мехостам дар атрофи он ибрози ақида намоям, ин муайян намудани низоми нави давлатдориамон мебошад.

Маҳз дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ заминаи низоми нави давлатдории тоҷикон, яъне асосҳои давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ гузошта шуданд.

Ин ғояи меҳварӣ дар ҳамин Иҷлосия баён гардида, баъдан ба Конститутсияи нахустини Тоҷикистони соҳибистиқлол ворид карда шуд.

Дар ин давра мо тавонистем силсилаи меъёрҳои усулии низоми демократӣ, аз ҷумла асосҳои демократии сохти давлатдорӣ, моҳияти дунявӣ ва иҷтимоии давлат, муқаддас будани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, принсипи гуногунандешии сиёсӣ, фаъолияти парламенти касбӣ, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, таъмини адолати судӣ, баробарии ҳама дар назди қонун ва озодии виҷдону эътиқодро аз тариқи Конститутсия дар қонунгузории кишвар таъмин намоем.

Дар ин замина бори аввал дар мамлакат пояҳои устувори яке аз муҳимтарин ниҳодҳои ҷомеаи демократӣ, яъне низоми бисёрҳизбӣ гузошта шуданд.

Чун сухан дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ рафт, мехостам чанд нуктаи дигарро вобаста ба ин масъала таъкид намоям.

Албатта, ҳар ҳизб мавқеи хоси сиёсӣ, ақидавӣ ва барномаи худро дорад ва моҳияти низоми бисёрҳизбӣ низ дар ҳамин аст.

Вале дар айни ҳол, ҳизбҳои сиёсӣ бояд манфиатҳои миллӣ, арзишҳои бунёдии давлатдорӣ ва суботу амнияти кишварро аз манфиатҳои маҳдуди ҳизбиву гурӯҳӣ боло гузоранд.

Меъёри ягонае, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро танзим мекунад, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки имконияти дар фазои демократӣ фаъолият карданы онҳоро фароҳам овардааст.

Аз ин ҷиҳат, ҳизбҳои сиёсӣ бояд мактаби баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии мардум ва намунаи олии риояи қонунҳои амалкунандаи кишвар бошанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо итминони комил метавон гуфт, ки марҳалаи нави эҳёи миллати тоҷик аз Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ сарчашма мегирад. Тайи ин давра мо тавонистем дар самти эҳёи фарҳангу арзишҳои миллӣ, ташаккул ва тақвияти худшиносӣ ва рӯҳияи ягонаи миллӣ қадамҳои устувор гузорем.

Дар ин давра ба мо муяссар шуд, ки мақоми забони тоҷикиро ҳамчун яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ баланд бардошта, истифодаи онро дар умури сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ таъмин намоем.

Дар раванди эҳёи худогоҳиву худшиносии миллиамон қисме аз афрод бар ин ақида буданд, ки мо ба таърих ва гузаштаи худ аз андоза бештар рӯй овардаем.

Набояд фаромӯш кард, ки агар мо гузаштаро дақиқ наомӯхта, равандҳои имрӯзаро воқеъбинона баҳогузорӣ накунем, пас роҳи дурусти инкишофи фардои хешро муайян карда наметавонем.

Дар ҳоле ки пояҳои худшиносии миллии мо осеби ҷиддӣ дида, миллати мо аз асолати худ то ҳадде дур гардида буд, марҳалаи эҳёи ҳофизаи таърихии миллат ва худшиносии миллӣ як зарурати муҳими ҳам милливу таърихӣ ва ҳам давлативу сиёсӣ дониста мешавад.

Ҳамаи ин иқдомҳо ба хотири бар пояи арзишҳои миллӣ ва рӯҳияи ватандорӣ тарбия кардани насли наврас равона шудаанд, то ки миллати мо ба худогоҳиву худшиносии миллӣ ноил шуда, ба асли хеш пайвандад.

**Дӯстони азиз!**

Акнун мехоҳам ба чанд нуктаи дигари вобаста ба самтҳои асосии марҳалаи имрӯзаи рушди давлатдориамон ибрози ақида намоям.

Самти якум, ҳифзи давлатдории миллӣ мебошад. Мо то имрӯз марҳалаи бисёр мураккаби эҳё ва барқарорсозии давлатдории миллии худро асосан ба анҷом расонидем ва бисёр масъалаҳоеро, ки хоси ин давра буданд, ҳал кардем.

Вале масъалаи ҳифзи ин дастоварди бузург, яъне ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ҳамчун масъалаи бисёр муҳими ҳаётӣ ҳамоно боқӣ мемонад.

Ин масъала дар шароити мураккаб шудани вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, шиддат ёфтани бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат, осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти боз ҳам ҷиддитар касб мекунад.

Вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ба мо имкон намедиҳад, ки ҳатто як лаҳза аз масъалаи ҳифзи давлату давлатдорӣ ва суботу амнияти кишвар ғофил бошем.

Худатон хуб медонед, ки имрӯз дар ҷаҳон чӣ теъдод миллатҳо барои соҳиби ватан ва давлати худ шудан мубориза мебаранд. Бештари онҳо ҳама чизро доранд, вале чун аз давлати миллӣ маҳруманд, аз ҳаёти худ қаноатманд нестанд.

Аз ин рӯ, ҳар миллате, ки соҳиби ватан ва давлати мустақил мегардад, барои он масъалаи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, аҳамияти бузурги сиёсӣ ва ҳаётӣ касб мекунад.

Самти дуюм, ин масъалаи ҳамаҷониба баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ маҳсуб мешавад. Ин масъала хусусан дар раванди ҷаҳонишавӣ ва асри иттилоотӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Солҳои охир мо шоҳиди он будем, ки баъзе доираҳои байналмилалӣ ба воситаи иттилоот ва бо истифода аз ноогоҳии мардум, махсусан ҷавонон, равандҳои сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии баъзе кишварҳоро ба чӣ ҳол овარданд.

Дар натиҷаи фаъолияти қувваҳои тахрибкор бузургтарин дастовард, яъне истиқлолияти баъзе кишварҳои олам ба хатар рӯ ба рӯ шудааст. Мусаллам аст, ки акнун барои аз чунин ҳолат берун омадани ин кишварҳо даҳсолаҳо лозим меояд.

Аз ин рӯ, мардуми Тоҷикистон бояд аз моҳияти ҷангҳои иттилоотӣ ва равандҳои сиёсии дохиливу хориҷӣ огоҳ бошанд ва ҳадафу моҳияти барномаҳои давлатро дуруст дарк намоянд.

Ҷомеа бояд донад, ки давлату Ҳукумат як ҳадафи стратегӣ, яъне дар заминаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардумро асоси фаъолияти худ қарор додааст. Бахусус ҷавонони мо бояд дуруст дарк намоянд, ки манфиати неруҳои ғаразноки берунӣ дар чист ва зери ин селоби иттилоот чӣ ҳадафҳо нуҳуфтаанд.

Самти сеюм, ба таври огоҳона муттаҳид намудани мардуми кишвар дар атрофи ғояи «Тоҷикистони соҳибихтиёр - Ватани ягонаи мо» мебошад.

Дар шароити гуногунфикрии ақидавӣ ва сиёсӣ ба даст овардани чунин ғоя бисёр мушкил ва ҳамеша баҳсангез аст. Вале зарур аст, ки дар ин марҳалаи ҳассос ҳифзи Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол ва ваҳдати миллӣ ҳамчун ғояи умумимиллӣ пазируфта шавад.

Зеро маҳз ҳамин ғоя нуктаи пайванд ва маркази иттиҳоди тамоми мардуми Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, забон, дин, мазҳаб ва мавқеи сиёсӣ мебошад.

Бинобар ин, ҳифзи давлатдории миллӣ, ҳифзи суботу амнияти он ҳамчун вазифаи меҳварӣ ва асосии мо ҳамеша боқӣ хоҳад монд.

Самти чорум, рушду такомули фарҳанги сулҳ ва ризоияти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки он бояд ҷавҳари фаъолияти ҳамешагии мардуми мо бошад.

Хушбахтона, мо сулҳро ҳамчун падидаи ҳуқуқиву сиёсӣ ва воқеияти ҷамъиятӣ ба даст овардем ва имрӯз шукргузорем, ки дар фазои ин неъмати бузург кору зиндагӣ дорем.

Албатта, иштирокдорони ин раванди мураккаби таърихӣ ва насли калонсоли мо, ки даҳшати ҷанги шаҳрвандиро дидаанд, арзиши сулҳу ваҳдатро хуб дарк мекунанд.

Вале акнун замони он фаро расидааст, ки мо арзиши сулҳу оштии миллиро ҳамчун фарҳанги зиндагии мардум ба таври васеъ густариш диҳем.

Дар марҳалаи имрӯзаи рушди кишвар сулҳу ризоияти миллӣ бояд на танҳо ҳамчун мазмуни созишномаи имзошуда миёни ду тарафи мухолиф, балки ба ҳайси як фарҳанг ва андешаи фарогири умумимиллӣ дарк гардида, сулҳу ваҳдат ва ҳамзистии мусолиматомези намояндагони ҳамаи неруҳои сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳо, ҷаҳонбиниву андешаҳо ва дину мазҳабҳои сокинони Тоҷикистонро дар бар гирад.

Самти панҷумро метавон сиёсати «Рӯ овардан ба ҷавонон» номид. Моҳияти асосии ин самт аз он иборат аст, ки барои беҳбуди шароити рушди маънавию ахлоқӣ ва таҳсилу кори ҷавонон имкониятҳои муносиб фароҳам оварда шаванд.

Мо бояд дар замири насли ҷавон ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, сабру таҳаммул, омӯзиши илм ва касбу ҳунарҳои муосир, ҷиддияту меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми волоияти қонунро талқин намоем, то онҳо тавонанд дар оянда ҳамчун намояндагони сазовор ва шоистаи миллати хеш Ватани азизамонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намоянд.

Самти шашум, ҳифзи ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аст.

Имрӯз башарият дар раванди ҷаҳонишавӣ бо омезиши босуръати арзишҳо, андешаҳо ва фарҳангҳо рӯ ба рӯ мебошад. Мо ҳаргиз мухолифи бо ҳам наздик шудани фарҳангу тамаддунҳо ва шинохти ҳамдигар нестем, зеро ин як раванди табиӣ мебошад.

Вале, ба сабаби он ки ин омезишу қаробат дар шароити нобаробарии сиёсӣ, иқтисодӣ ва технологӣ мегузарад, бисёр вақт хусусияти якҷониба гирифта, ҷомеаҳои аз назари иқтисодиву технологӣ заифтар зери таъсири шадиди фарҳангу арзишҳои давлатҳои аз назари технологӣ қавитар қарор мегиранд.

Ба ин сабаб имрӯз ба баъзе арзишҳои асили миллии мо низ хатар таҳдид мекунад. Маҳз, бо дарназардошти ин воқеият, фарҳангу арзишҳои миллӣ ва ҳувияти миллии мо ба дастгирии ҳамаҷонибаи ҷомеа ва давлат ниёз доранд.

Аз ҷиҳати дигар, мо ҷонибдори гуфтугӯйи тамаддунҳо буда, ба хотири таҳкими низоми дунявии давлати худ аз сарвати илмӣ ва фарҳанги умумибашарии Ғарбу Шарқ бояд истифода кунем. Яъне, халқи мо дар баробари ҳифзи асолати милливу динии худ бояд дорои ҷаҳонбинии илмии замони муосир бошад.

**Дӯстони азиз!**

Бо вуҷуди он ки дар роҳи таъмини зиндагии шоистаи мардум аз ҷониби давлату Ҳукумат тадбирҳои зиёди созанда амалӣ мешаванд, дар ҷомеаи мо ҳанӯз ҳам камбудиву масъалаҳои ҳалталаб кам нестанд.

Вале ман ба иродаи қавӣ, неруи созанда ва хиради азалии мардуми сарбаланду шарафманди тоҷик эътимод дорам ва иброз менамоям, ки дар ояндаи наздик мо ҳама якҷо бо заҳмати созандаву ободгарона мушкилоти мавҷударо тадриҷан бартараф хоҳем кард.

Мову шумо якҷо сангинтарин рӯзҳои эъмори давлатдории миллиамонро пушти сар карда, имрӯз ба сулҳу суботи сартосарӣ расидем, ки ин неъмати бебаҳо ва дастоварди нодири тамоми халқи тоҷик аст.

Бовар дорам, ки минбаъд низ ҳар як фарди бонангу номус ва фарзандони худогоҳу худшиноси Ватан дар роҳи таҳкими истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи ягонагии Тоҷикистони азиз беш аз пеш талош варзида, ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ва дар ин замина таъмин кардани зиндагии шоистаи мардум саҳми арзандаи хешро мегузоранд.

Бо арзи ҳамин ниятҳои созанда бори дигар тамоми мардуми шарафманди Тоҷикистон, кулли ҳамватанони бурунмарзӣ ва меҳмонони арҷмандро ба ифтихори ҷашни фархундаи 20-солагии Иҷлосияи тақдирсози шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфта, бароятон тансиҳатӣ, барори кор ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзумандам.

**Доимо саломату сарбаланд бошед!**






## Суботу амнияти кишвар аз манфиатҳои маҳдуди ҳизбиву гурӯҳӣ бояд ҳамеша боло гузошта шаванд

**16 ноябри соли 2012 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Муассисаи давлатии «Кохи Борбад»-и пойтахт маҷлиси ботантана бахшида ба 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии пурмуҳтаво аз рӯзҳои сахту сангини солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бесарусомониҳои солҳои 1991 ва 1992, ҷанги хонумонсӯзи бародаркуш, қурбон шудани беш аз яксаду панҷоҳ ҳазор шаҳрванд ва ба харобазор табдил ёфтани минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ёдовар шуда, таъкид дошт, ки маҳз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарнавишти минбаъдаи давлату миллати мо нақши ҳалкунанда гузошта, барои раҳоии давлати навбунёд аз оташи ҷанги харобиовар ва ҳамчунин барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Тавре таъкид гардид, низоъҳои дохилии давомдор ва бесалоҳиятии ҳокимияти марказӣ дар тӯли таърих боиси парокандагӣ ва нобудшавии миллатҳо ва давлатҳои зиёд гардидааст.

Бо ёдоварӣ аз нақшаҳои пурхатари доираҳои муайяни хориҷӣ ва баъзе сиёсатмадорону гурӯҳҳои хиёнаткори дохилӣ доир ба ғарқи хун кардани Тоҷикистон ва пароканда намудани ин давлату миллат зикр гардид, ки ба шарофати Иҷлосияи XVI давлатдории миллии мо аз вартаи фалокатбор раҳо ёфт. Ба таъкиди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон «танҳо худи ҳамин далел басанда аст, ки Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии мамлакатро аз муҳимтарин зуҳуроти тақдирсози таърихи муосири халқи тоҷик арзёбӣ намоем».

Чунонки зикр гардид, «ҷомеаи ҷаҳон низ санадҳои қабулнамудаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва азму иродаи роҳбарияти нави давлатро дар хусуси барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дастгирӣ намуд». Тазаккур дода шуд, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мафкураи ҳар як сокини Тоҷикистон нақши муҳим гузошта, мардуми кишварро ба корҳои созандагӣ ҳидоят намуд, орзуву ормони халқро ба сохтори давлати демократӣ ва ташкили зиндагии осоишта қавӣ намуда, боиси афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба ояндаи орому осуда ва пешрафту тараққиёти давлат гардид.

Аз ин хотир, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи иштирокдорони он Иҷлосияи таърихӣ ва ҳар як нафаре, ки дар ташкил ва гузарондани он саҳм гузошта буданд, арзи сипос намуд. Сипосу миннатдории самимӣ, ҳамчунин ба Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва ҳамаи созмонҳою давлатҳое, ки дар барқарорсозии сулҳу субот дар Тоҷикистон ва таъмини рушди босуботи ҷомеа саҳм гузоштаанд, баён карда шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи аҳли толор ва мардуми кишварро ба зарурати таъмини ваҳдату ягонагии миллӣ махсус ҷалб намуда, бо арзи эҳтиром ба мавқеи хоси сиёсӣ, ақидавӣ ва барномаҳои ҳизбу созмонҳои сиёсию ҷамъиятӣ таъкид бар он дошт, ки «манфиатҳои миллӣ, арзишҳои бунёдии давлатдорӣ ва суботу амнияти кишвар аз манфиатҳои маҳдуди ҳизбиву гурӯҳӣ бояд ҳамеша боло гузошта шаванд».

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни андешаронӣ оид ба вазифаҳои асосии марҳалаи имрӯзаи рушди давлатдорӣ панҷ самти афзалиятнокро муайян намуд. Якум- ҳифзи давлатдории миллӣ, дуввум - ҳамаҷониба баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, саввум - ба таври огоҳона муттаҳид намудани мардуми кишвар дар атрофи ғояи «Тоҷикистони соҳибихтиёр - Ватани ягонаи мо», чаҳорум - рушду такомули фарҳанги сулҳ ва ризоияти миллӣ, панҷум - «Рӯ овардан ба ҷавонон» ва шашум - ҳифзи ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.

Дар фароварди сухан Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон хотиррасон намуд, ки сарфи назар аз тадбирҳои зиёди созандаи давлату Ҳукумат, ҳанӯз камбудиву масъалаҳои ҳалталаб кам нестанд. Аз ин хотир, бо изҳори бовару эътимод ба иродаи қавӣ, неруи созанда ва хиради азалии мардуми сарбаланду шарафманди тоҷик таъкид гардид, ки «дар ояндаи наздик мо ҳама якҷо бо заҳмати созандаву ободгарона мушкилоти мавҷударо тадриҷан бартараф карда, зиндагии шоистаи мардуми кишварро таъмин менамоем».

*www.prezident.tj*




## МУЛОҚОТ БО ДИРЕКТОРИ ДАФТАРИ АВРУПОИИ СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ ЖУЖАННА ЯКАБ

**Нимаи дуюми рӯзи 13 ноябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон директори Дафтари аврупоии Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ Жужанна Якабро ба ҳузур пазируфт.**

Зимни суҳбат аз самараи ҳамкории бисёрсолаи Тоҷикистону Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Хотиррасон гардид, ки ҳаҷми умумии кӯмаки ин созмон дар рушди соҳаи тандурустии Тоҷикистон танҳо дар ҳашт соли охир ба зиёда аз 19 миллион доллари амрикоӣ баробар шудааст.

Ба кӯмакҳои Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ дар татбиқи лоиҳаҳои зиёди соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла пешгирӣ, муоина ва муолиҷаи бемориҳои сироятӣ, эмкунии фарогири аҳолӣ, таҳкими заминаи моддию техникии хадамоти ҳифзи модар ва кӯдак, амалиётҳои фаврии хадамоти тиббӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ва ғайра баҳои баланд дода шуд.

Ҳамзамон густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои ҷорӣ намудани қоидаҳои байналмилалии тиббию санитарӣ, пешгирӣ ва муолиҷаи бемории сил, вируси норасоии масунияти одам (ВИЧ/СПИД) ва навсозии заминаи технологии соҳаи тандурустӣ дар маҷмӯъ зарур шумурда шуд.

Ҳар ду ҷониб ба рушду тавсиаи ҳамкорӣ дар оянда, аз ҷумла дар самти татбиқи амалии Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва Стратегияи нави миллии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ барои солҳои 2010-2020, ҳавасмандии худро таъкид намуданд.

*www.prezident.tj*

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон озод намудани Саидов А. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам :**

Саидов Асомуддин Асадуллоевич бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе, 12 ноябри соли 2012 №1367**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон таъин намудани Раҳимов О.С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам :**

Раҳимов Олим Собирович Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе, 12 ноябри соли 2012 №1368**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*аз 12 ноябри соли 2012 № 650, ш. Душанбе*

**Дар бораи аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» озод намудани Исоқов М.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Исоқов Музаффар Сафарович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*аз 12 ноябри соли 2012 № 652, ш. Душанбе*

**Дар бораи директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» таъин намудани Ҳамроев Ф.Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҳамроев Фирӯз Халилович директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*аз 12 ноябри соли 2012 № 649, ш. Душанбе*

**Дар бораи директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Идиев Ҳ.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Идиев Ҳусайн Сафаралиевич директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

●Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Номи баъзе маҳалҳо тағйир дода мешаванд



*Суратгир А. Исоев*

**13 ноябри соли 2012 ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ баргузор гардид. Ҷаласа таҳти раёсати раиси Кумитаи мазкур Мамадшо Илолов ҷараён гирифт.**

Аъзои Кумита масъалаҳоро «Доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Доир ба пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Нуробод «Оид ба тағйир додани номи деҳоти «Яхак-Юст» ва «Оид ба тағйир додани номи деҳоти «Самсолиқ», «Доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Турсунзода «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Турсунзода», «Доир ба пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Конибодом», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Исфара», «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Аппони болои ноҳияи Ашт», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Спитамен», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Панҷакент», «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Истаравшан» ва «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Шаҳристон» мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар робита ба масъалаҳои зикршуда хулосаҳои Кумита қабул ва барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# МАСОИЛИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ БАРРАСӢ ШУД

Чанде пеш дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ мулоқот бо кормандони Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид. Дар вохӯрӣ раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра иштирок доштанд.

Дар мулоқот масъалаҳои шиносоӣ бо вазъи муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ, баҳисобгирии муҳоҷирон-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкорӣ бо диаспораҳо ва саҳми онҳо дар рушди ноҳия, иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, бақайдгирӣ ва назорати фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, дараҷаи забондонӣ, касбомӯзӣ, шиносоӣ бо таърих, расму ойин ва фарҳанги кишварҳои қабулкунанда мавриди муҳокима қарор гирифт.

Сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафиало Девонаев ва кормандони масъули Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, мушкилоти дар ин соҳа ҷойдошта муфассал маълумот доранд.

Ҳамзамон иштирокчиёни ин мулоқот доир ба ташкили марказҳои касбомӯзӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, такмили фаъолияти Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу дархост пешниҳод намуданд.

***М. АЪЗАМ, «Садои мардум»***

# «ХОНАИ АСРОРИ МАЪНӢ» ДАР МУЪМИНОБОД

Дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод бахшида ба 20 -солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсия доир гардид. Дар он раиси ҶДММ «Хонаи асрори маънӣ» Рамазон Ғозиев доир ба аҳамияти таърихии Иҷлосия маърӯза кард. Сипас, раиси ноҳия Пирмадхон Зарипов, иштирокчии Иҷлосияи таърихию сарнавиштсоз Абдураҳмон Ғуломов, ҳунарпешаи шинохта Ортиқи Қодир, адабиётшиносон Саидалии Саид, Давлаталии Раҳмониён ва дигарон суханронӣ карданд.

Баъди анҷоми конференсия дар деҳаи Кӯлчашма бинои «Хонаи асрори маънӣ» дари худро ба рӯйи дӯстдорони илму адаб боз кард. Ин бино бо маблағгузории Рамазон Ғозиев сохта, дар он адабиёти нодир гирд оварда шудааст.

***Н.ҲАСАНОВ, ноҳияи Муъминобод***

●Ба истиқболи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Иҷлосияи XVI - сарчашмаи ваҳдат ва рушд

Таърих миллатеро ёд надорад, ки бе набарду мубориизаҳои дохиливу берунӣ давлату давлатдории хешро бунёд карда бошад. Борҳо чунин роҳи ноҳамвору сангинро миллати тоҷик тай намудааст. Бояд гуфт, ки дар дунё мисли миллати мо шояд дигар халқи то ба ин андоза ҷафокашида набошад. Устод Бозор Собир барҳақ фармуда:

*Қиссаи мурғи Самандар пеши ман афсона нест,*
*Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст.*
*Он ки умре мурда-мурда зиндагӣ карду намурд,*
*Сӯхта-носӯхтан эҳёи аҷдоди ман аст.*

Дар фарозои таърих тоҷик аз дасти ғосибону тангназарон бисёр ҷафоҳо кашидааст. Ашхоси алоҳида,ҷоҳталабону сияҳдилон то ба имрӯз мекӯшанд, ки номи Тоҷикистонро аз харитаи олам нобуд созанд…

Шукр, ки маънавиёти баланду хиради азалии мо болотар аз хоҳиши душманон аст ва бадхоҳони миллат фарҳангии созандагиву бунёдкории моро дуздида наметавонанд. Дар қатори дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ соҳибистиқлолӣ Тоҷикистони азизи моро низ дар даҳсолаи охири асри XX насиб гашт. Вале чашми танги душманон сих зад. Онҳо нақша кашиданду ҷанги шаҳрвандиро ба сарамон бор карданд. Неруҳои ҷоҳталаб, унсурҳои тундраву бадхоҳ, ашхоси ҷудоиандоз аз зудбовариву соддагии мо истифода карда, Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба коми оташ, ба доми ҷанг кашиданд. Дастгоҳи давлатӣ фалаҷ, парлумони ҷумҳурӣ ба гурӯҳҳо тақсим, ҳама ҷо ҳараҷу мараҷ, яъсу ноумедӣ мардумро фаро гирифт. Давлати ҷавони мо миёни ҳастӣ ва нестӣ қарор гирифта буд. Сиёсат ба яроқ мусаллаҳ гардид. Ҳазорҳо ҷавонони аз сад гул як гули умедашон ношукуфта қурбони ин ҷанг шуданд. Ҳазорҳо хоҳарони нозанин ҷуфти худро гум карданд, ҳазорҳо хонаҳо вайрону валангор шуд, ҳазорҳо кӯдакон аз дасти навозиши волидон бенасиб монданд. Фиғони модари бечораи тоҷик то ба фалак печид. Сад дареғ…

Аз ин даргириҳо ноҳияи Файзобод низ дар канор намонд. То имрӯз фоҷиаи деҳаи Субулоқ (ҳозира Чашмасор)-ро касе фаромӯш накардааст.

Устоди зиндаёд, Усмон Шарифзода бо ҳазорон дарду ҳасрат он рӯзҳоро ёд оварда, менигорад:

*Дар дил ҳазору як алам, ин ҷо алам, он ҷо алам,*
*Ҳар ҷо алам, сад ҷо алам, ҳар ҷо, ки мемонам қадам…*
*Бар гӯши дил, бар гӯши ҷон ояд навои во балам,*
*Ғарқоби хун, гарқоби хун обу гилам, обу гилам…*

Шояд малоики раҳму шафқат барои ободиву ваҳдат ва якпорчагии мо дасти дуо бардоштанд, ки дар чунин шароити ҳассосу мушкилу даҳшатбор бо шарофати хираду заковати азалии аҷдодӣ 16 ноябри соли 1992 муяссар шуд, ки дар Қасри Арбоби Хуҷандшаҳри бостонӣ Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум баргузор гардад. Умеди мардуми ҷафокашидаи тоҷик аз ин Иҷлосия хеле калон буд. Сад шукр, ки бо фазли Худо хираду фазилат ғалаба кард. Умеди мардум барбод нарафт. Иҷлосия барои хотима додани ҷанги бунёдсӯзи шаҳрвандӣ, барқарор намудани хоҷагии харобгаштаи кишвар таҳкурсии устувор гузошт. Бо шарофати ин Иҷлосия халқи тоҷик ва давлати аз нав ҷавони мо сарвари худро ёфт. Фарзанди содику ҷонфидои миллат Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Қарорҳои таърихӣ қабул ва пеши ҷараёни фоҷиаи сиёсиву иқтисодӣ гирифта шуд ва Тоҷикистони мо аз вартаи фалокат наҷот ёфт. Ҳукумати конститутсионӣ барқарор ва пояҳои давлатдории миллӣ оҳиста - оҳиста устувор гашт. Бо ба даст омадани сулҳу субот зиндагӣ маҷрои нав гирифт. Ба тавассути роҳбарии хирадмандонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳнати ҳалолу бунёдкоронаи мардуми шарифи Тоҷикистон, хоҷагии халқи кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Мардуми ноҳияи Файзобод низ бо як дилгармӣ ва умеду боварии зиёд ба оянддаи нек бо саъйи дучанд тамоми қувва ва неруи худро баҳри ободии диёру Ватан равона карданд. Тӯли 20 соли охир, баъд аз баргузории Иҷлосияи тақдирсоз, дар ноҳия дигаргуниҳои куллӣ ва пешравиҳои назаррас ба даст омад.

Соҳаи кишоварзӣ, ки қисми асосии истеҳсолоти ноҳияро ташкил мекунад, аз нав рӯ ба пешравӣ ниҳод. Соли 1997 таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ дар ноҳия оғоз ёфт. Агар солҳои шӯравӣ ва баъди он дар ноҳия ҳамагӣ 20-25 хоҷагӣ фаъолият мекарду дар онҳо шумораи ками аҳолӣ ба кор ҷалб шуда буданд, имрӯз дар ноҳия 2125 хоҷагии кишоварзӣ, аз ҷумла як хоҷагии давлатии тухмипарварии ба номи Абдулвоҳид Назиров,18 хоҷагии коллективӣ, 2100 хоҷагии деҳқонӣ, ки дар онҳо беш аз 9987 нафар сокинони ноҳия кор мекунанд, барои ғанӣ гардонидани дастурхони мардум кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Имрӯз соҳаи саноат 153 нафар, сохтмон беш аз 100 нафар, хӯроки умумӣ 200 нафар, дигар соҳаҳо 2890 нафар, соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ бошад, 3154 нафар сокинони ноҳияро ба фаъолияти ҳаррӯза фаро гирифтаанд .

Соҳаи паррандапарварӣ дар ноҳияи Файзобод дар солҳои навадуми асри гузашта шуҳрати калон дошт. Ду корхонаи калони саноатӣ ба истеҳсоли тухму гӯшти босифати парҳезӣ машғул шуда, садҳо сокинони ноҳия машғули меҳнат буданд. Мутаассифона, бинобар воқеаҳои маълуми даҳаи охири асри гузаштаи кишвар, ҳар ду корхонаи паррандапарварии ноҳия аз кор бозмонд. Кӯшишҳои чанддафъаинаи масъулин бобати барқарорсозии иқтидорҳои корхона самари хуб надоданд. Мутахассисон соҳаро зиёновар ном бурданд. Дар натиҷа, ин иқтидорҳои калони паррандапарварӣ ба вайрона табдил ёфт.

Танҳо солҳои соҳибистиқлолии кишвар, баъди дастури Сарвари давлат дар машварати корӣ, ки моҳи октябри соли 2005 доир гардид, Вазорати рушди иқтисод ва соҳибкорони баору номуси ноҳияи Файзобод бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба беҳдошти соҳаи мазкур шурӯъ карданд. Инак, соҳа дар ноҳия аз нав эҳё гардида, рушди тоза мегирад. Имрӯз бо ифтихор метавон зикр кард, ки бо амалӣ гардидани Барномаи инкишофи соҳаи паррандапарварӣ дар ноҳия саршумори мурғ дар Файзобод ба 757915 сар ва истеҳсоли тухм бошад, ба 53 миллиону 600 ҳазор дона расонида шуд.




Имрӯз Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи "Мурғи ҳилол", яъне собиқ заводи давлатии мурғи зотӣ, якҷоя бо мутахассисони эронӣ дар дигаргун намудани технологияи соҳаи паррандапарварӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд ва ба истеҳсоли тухми аз ҷиҳати экологӣ босифат машғул шуда, маҳсулоти худро дар бисёр марказҳои савдои пойтахти мамлакат ва шаҳру ноҳияҳои кишвар ба савдо гузоштаанд, ки харидорони зиёде доранд.

Тӯли ин солҳо буҷети маҳаллӣ ба таври тасаввурнашаванда афзуд. Агар соли 2000 буҷети ноҳия 693000 сомониро ташкил мекарда бошад, соли 2012 он ба 19450658 сомонӣ расид. Ҳиссаи маблағҳои марказонидашуда дар буҷети маҳал торафт камтар мешавад. Он агар соли 2000 дар буҷети маҳаллӣ беш аз 80 фоизро ташкил медод, имрӯз ҳиссаи маблағҳои ҷумҳуриявӣ дар буҷети маҳал ба 49 фоиз баробар аст.

Ба 1-уми январи соли 2012 Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии ноҳия 221,638 ҳазор сомониро ташкил мекунад,ки нисбати соли 2000 беш аз даҳ баробар зиёд аст. Ҳамаи ин имкон фароҳам овард, ки рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ҳар чӣ бештар гардад. Имрӯз дар ноҳия 58 мактаби таҳсилоти умумӣ, Муассисаи давлатии «Гимназияи Файзобод», маркази корҳои тарбиявию беруназмактабӣ 19110 нафар хонандагонро ба оғӯш гирифтаанд. Ба таълиму тарбияи насли наврас 1019 нафар омӯзгорон машғул мебошанд. Дар панҷ соли охир, дар ноҳия беш аз 10 мактаби замонавӣ дар деҳаҳои Арча, Хами вафо, Бини кулута, Хами саври, Ғуломдавлат, Гултеппа, Доров, Бунгакиён, қалъаи дашт, қашқараҳа, Тақназарӣ, ки сохтмони аксари мактабҳо ҳанӯз дар солҳои побарҷо будани Иттифоқи шӯравӣ ба нақша гирифта шудаву солҳои тӯлонӣ хонандагонашон аз набудани мактаб азият мекашиданд, сохта ба истифода дода шуданд. Умуман, дар давоми 20 соли охир дар ноҳия 15 мактаби нав ва дар назди шаш мактаби дигар синфхонаҳои иловагӣ, ҷамъ барои 4104 ҷойи нишасти нав сохта, ба истифода дода шудааст, ки чунин дастовардро солҳои то соҳибистиқлолӣ орзу кардан ҳам душвор буд. Мактаби наву замонавии дорои тамоми таҷҳизоти навини таълимӣ дар деҳаи Заркамар барои 642 ҷойи нишаст рӯзи 15 июли соли 2011 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истифода дода шуд. Ба сохтмону барқарорсозии мактабҳо баробари истифода шудани буҷети маҳаллӣ, ҳамчунин соҳибкорон, Бонки Рушди Исломӣ, Лоиҳаи рушди деҳот ва ғайра ҷалб шуданд.

Имрӯз дар ноҳия соҳибкасб гардидани ҷавонон диққати ҷиддӣ дода мешавад. Айни ҳол дар донишкадаю донишгоҳҳо ва коллеҷҳои пойтахт 1676 нафар ҷавонони ноҳия таҳсил доранд, ки 401 нафарашон духтарон мебошанд. 91 нафар ҷавонон, аз он ҷумла 57 нафар духтарон тибқи квотаи Президентӣ сазовори номи пуршарафи донишҷӯ гашта, бо сари баланд таҳсил карда, шукр аз ваҳдату Истиқлолияти кишвар менамоянд. Имрӯз дар мактабҳои ноҳия 626 компютер, 122 принтер, 50 дастгоҳи барӯдеҳ (генератор) мавриди истифодаи мактабиён қарор доранд

Тайи даҳ соли охир маоши омӯзгорон 14 маротиба афзудааст. Бо назардошти рушди иқтисодиёти мамлакат ва зиёдшавии имкониятҳои молиявӣ аз 1 сентябри соли равон музди меҳнати онҳо боз зиёд карда шуд.

Дастовардҳо дар соҳаи тандурустии ноҳия низ назаррасанд. Имрӯз дар хизмати сокинони ноҳия се беморхона, 13 маркази саломатӣ, 27 хонаи саломатӣ, 5 маркази соҳавӣ қарор доранд.Дар панҷ соли охир беморхонаҳои наву замонавӣ дар деҳаҳои Меҳробод ва Мискинобод сохта, ба истифода дода шуданд. Беморхонаи марказии ноҳия, бинои таваллудхона, бемориҳои сироятӣ, бемориҳои қалб аз таъмири хушсифат бароварда шуданд. Сохтмони дармонгоҳ дар маркази ноҳия барои қабули 150 бемор аз ҳисоби маблағҳои Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи анҷомёбист. Ба сокинони ноҳия алҳол 94 нафар духтури соҳибтаҷриба ва 352 нафар ҳамшираҳои тиббӣ хизмат мерасонанд.

Тӯли 20 соли охир дар соҳаи фарҳанг низ дигаргуниҳои зиёде ба вуқӯъ пайваст. Бахусус дар ин давра як қатор муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили хонаи фарҳанги Бобои Валӣ, Файзобод, Мактаби санъати ба номи Дӯстмурод Алӣ, китобхонаи Сари чинор, Кабкрез аз тавозуни дигар ташкилоту муассисаҳо бароварда шуда, ба маблағи зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор сомонӣ таъмиру тармим ёфта, ба тавозуни шуъбаи фарҳанг дароварда шуданд. Бо мақсади беҳбуд бахшидан ба фаъолияти фарҳангчиёни ноҳия соли 2004 автомашинаи УАЗ -22-06 ва соли 2011 бо маблағи 60 000 сомонӣ автомашинаи тамғаи «Старекс» харидорӣ карда шуд. Маҳз дар ҳамин давра барои муассисаҳои фарҳангӣ дастгоҳҳои тақвияти овоз, асбобҳои мусиқӣ, сару либоси саҳнавӣ харидорӣ карда шуда, китобхонаҳои ноҳия бо адабиёти тозанашр таъмин гардиданд. Агар соли 1995 барои хариди адабиётҳо ҳамагӣ 500 сомонӣ ҷудо гардида бошад, соли 2011-ум 12 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст .

Таъсиси театр - студияи ҳаҷвии «Шаҳрошуб», ансамбли мақомсароён, ансамбли фалаксароён, ансамбли этнографии карнайнавозон, ба мактаби санъат табдил додани мактаби мусиқӣ, мавриди истифода қарор гирифтани осорхона дар маркази ноҳия дастовардҳои ҳамин давраанд. Маоши кормандони соҳаи фарҳанг агар соли 1995 аз 12 то 18 сомониро ташкил медода бошад, соли 2000-ум он ба 120-140 сомонӣ расонида шуд. Аз 1 сентябри соли равон маоши кормандон 50 фоиз зиёд гардид, ки ҳоло 200 - 600 сомониро ташкил медиҳад.

Айни замон ба сокинони ноҳия панҷ хонаи фарҳанг, театри халқӣ, боғи фарҳангу фароғатӣ, осорхона хизмат мерасонад. Захираи умумии китоб дар китобхонаҳо беш аз 81 000 ададро ташкил медиҳад, ки зиёда аз 30 000 нусхаи он ба забони тоҷикӣ аст. Дар даҳ соли охир бо маблағи беш аз 70 000 сомонӣ китобҳои тозанашр харидорӣ шудааст.

Дар ноҳия бахши сохтмону меъморӣ низ дар ҳолати рушд аст. Беш аз 40 иншоот бахшида ба 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иншооти ҷашнӣ ба қайд гирифта шудаанд ва корҳои сохтмонӣ дар онҳо бомаром идома дошта, дар арафаи ин ҷашни рӯҳафзо ба истифода дода хоҳанд шуд. Дар саросари ноҳия баҳри қонеъ намудани талаботи мардум бо сӯзишворӣ тайи ин солҳо беш аз 25 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, се нуқтаи фурӯши гази моеъ, 12 нуқтаи фурӯши ангиштсанг сохта, ба истифода дода шудааст.

Деҳоти ноҳия рӯз аз рӯз симои худро дигар карда,боз ҳам ободу назаррабо мегардад. Тавассути ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ даҳҳо барномаҳои сохтмонӣ амалӣ гардида, иншооти фарҳангӣ, тандурустиву таълимӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Боиси зикр аст, ки танҳо соли 2003 ба муносибати эълон гардидани «Соли оби тоза» ба 33 деҳаи ноҳия хати оби нӯшокӣ кашида шуд. Ба маркази ноҳия соли 2004 аз масофаи 24 километр хати оби нӯшокии Ҳафтчашма кашида шуд, ки мушкилоти сокинони маркази шаҳраки Файзободро бо оби нӯшокӣ таъмин намуд. Бешубҳа, ин ҳама самари файзи Ваҳдату Истиқлолият аст, ки аз Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Мардуми сарбаланди Файзобод бо шукргузорӣ аз давлату давлатдории миллӣ, аз амну оромӣ, ваҳдату якдилӣ, зери парчами парафшони Ватан ва ҳимояи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки баланди масъулиятшиносӣ баҳри ободии диёр софдилона меҳнат намуда, сӯйи комёбиҳои нав ба нав қадам мегузорад.

Ҳамагон шукр аз он доранд, ки Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан ҳам барои ҷумҳурии азизамон ва мардуми сарбаланди он тақдирсоз гардид.

***Файзулло НАҶМИДДИНОВ, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон***

# Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013 қабул шуд



(Идома аз саҳ. 1)

Нишондиҳандаҳои даромад дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ мутобиқ ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва дигар санадҳои меъёрӣ асоснок карда шуда, дар он низоми андозбандӣ ба мақсади дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, баҳисобгирии пурраи манбаъҳои андозбандӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои рӯйпӯшкунии андозҳо ва дар ин замина устувор намудани даромади буҷет ба эътибор гирифта шудааст.

Бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасманд намудани соҳибкорони ватанӣ, фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ, ҳифзи манфиатҳои молистеҳсолкунандагон ва содиркунандагони ватанӣ ва таъмини бозори дохилӣ мисли солҳои пештара як қатор имтиёзҳои иловагии андозӣ пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо дар моддаи 15-уми лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» дарҷ гардидаанд. Аз ҷумла воридоти гази табиӣ ва барқ, воридоти молҳо барои сохтмони меҳмонхонаи «Исмоили Сомонӣ», воқеъ дар хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе, меҳмонхонаи панҷситорадор, воқеъ дар кӯчаи Айнии шаҳри Душанбе, ки сохтмони онҳо дар соли оянда ба охир мерасад, инчунин воридоти техника ва нақлиёти мусофиркашонӣ ва битуми тамғаи БНД 60/90 барои шаҳри Душанбе ва мазути камсулфур барои эҳтиёҷоти ҶСК «Маркази барқу гармидиҳӣ» аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва ҳамчунин қисмҳо ва ҷузъҳои алоҳида барои васлкунии тракторҳо ва мошинаҳои кишоварзӣ, ки барои Ҷамъияти муштараки саҳомии пӯшидаи «Тоҷ – Ирон» ворид мегардад, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

Инчунин воридоти гандум ва таҳвили он фақат бо меъёри 10-фоизаи андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешавад ва кормандони Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилӣ аз андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ озод карда шудаанд.

Дар баробари ин, мутобиқи Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор мегирад, барои рушди соҳибкории хурду миёна зиёда аз 200 номгӯйи имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст ва дар доираи ин имтиёзҳо зиёда аз 800 млн.сомонӣ барои рушди фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории худи андозсупорандагон боқӣ мемонад.

Умуман, соли оянда аз ҳисоби имтиёзҳои андозӣ ва пардохтҳои гумрукӣ барои рушди фаъолияти корхонаву ташкилотҳо, соҳибкорони хурду миёна зиёда аз 2,6 млрд.сомонӣ ҳамчун хароҷоти андозӣ равона мегардад, ки ин 27,0 фоизи ҳаҷми даромади ҷории Буҷети давлатиро ташкил мекунад.

Сарфи назар аз ин, бо супориши Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси намояндагон ҳангоми баррасии лоиҳаи Буҷети давлатӣ дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон афзоиши қисми даромади Буҷети давлатӣ барои солҳои 2013-2015 бо роҳи баланд бардоштани маъмурикунонии андоз ва маърифати андозсупорӣ, васеъ намудани заминаи баъзе намудҳои андоз, таъмини рушди воқеии иқтисодиёт ва ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, таъмини пурраи уҳдадории корхонаю ташкилотҳо, аз ҷумла корхонаҳои азим, дар назди буҷет асоснок карда шудааст.

Дар соли 2013 дар лоиҳаи Буҷети давлатӣ ҳамаи захираҳои молиявии давлатӣ, аз ҷумла маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ – 2,0 млрд. сомонӣ бо афзоиши 10 фоиз, маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ - 613,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 18,5 фоиз ва даромади ҷории Буҷети давлатӣ - 9,5 млрд. сомонӣ бо афзоиши 21,3 фоиз ҷамъ оварда шудааст, ки ҳаҷми умумии он ба 12057,6 млн. сомонӣ баробар мегардад ва нисбат ба соли ҷорӣ 1897,0 млн.сомонӣ зиёд буда, дар Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ -28,6 фоизро ташкил медиҳад.

Даромади буҷети ҷорӣ бошад, 9452,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 1,6 млн.сомонӣ ё 21,3 фоиз ба нақша гирифта шуда, ба 22,5 фоизи ММД баробар мегардад, ки ин нисбат ба соли ҷорӣ – 0,7 фоиз зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар давраи миёнамуҳлат низ афзоиш ёфта, дар соли 2014 ба 23,4 фоиз ва дар соли 2015 бошад, ба 24,1 фоиз баробар мегардад.

Бояд зикр кард, ки бо мақсади паст намудани таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти кишвар ва пешгирӣ намудани хавфи фискалӣ ҳангоми банақшагирии буҷет ба масъалаи пурра баҳисобгирии даромадҳои дохилӣ аҳамияти муҳим дода шудааст.

Аз ин лиҳоз, нишондиҳандаҳои буҷет аз ҳисоби андозҳо ва даромадҳои дохилӣ дар ҳаҷми умумии буҷет 1,0 фоиз зиёд гардида, ҳаҷми он 6072,0 млн.сомонӣ ё 64,2 фоиз ва аз ҳисоби фаъолияти иқтисодии берунӣ 0,2 банди фоиз кам гардида, маблағи он 3200,0 млн. сомонӣ ё 33,9 фоиз ва грантҳо 180,0 млн.сомонӣ ё 1,9 фоизи ҳаҷми умумии даромади буҷетро ташкил намуданд.

Афзоиши буҷет аз ҳисоби даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии дохилӣ нисбати соли ҷорӣ 24,0 фоиз ва пардохтҳои гумрукӣ бошад, 21,0 фоизро ташкил намуданд.

Вобаста ба ин, даромади буҷетҳои маҳаллӣ ба андозаи – 28,5 фоиз ё ба маблағи – 725,4 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, маблағи он – 3,3 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Вазни хоси субвенсия дар буҷетҳои маҳаллӣ нисбат ба соли 2012 ба андозаи – 2,0 фоиз зиёд гардида, дар соли оянда 18,7 фоиз ё 627,1 млн.сомониро ташкил медиҳад.

Афзоиши субвенсия дар буҷетҳои маҳаллӣ, пеш аз ҳама ба зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, ки аз 1 сентябри соли ҷорӣ амалӣ шуд ва ислоҳоти он дар соли оянда давом дода мешавад, вобаста мебошад.

Дар баробари ин, ҳиссагузорӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи зиёда аз 100 млн.сомонӣ зиёд гардид.

Аз ҷумла аз шаҳри Душанбе - 30,0 фоиз бо афзоиши 85,0 млн.сомонӣ, аз вилояти Суғд - 5,8 фоиз бо афзоиши 13,6 млн.сомонӣ, шаҳри Ваҳдат - 7,3 фоиз бо афзоиши 2,9 млн.сомонӣ, ноҳияи Рӯдакӣ - 3,6 фоиз бо афзоиши 600 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Ҳисор – 10,5 фоиз ё 1,0 млн.сомониро ташкил медиҳад.

Ба мақсади баланд бардоштани интизоми молиявӣ дар буҷетҳои маҳаллии субвенсионӣ бори аввал дар соли 2013-ум 6,0 млн. сомонӣ касри буҷет пешниҳод гардидааст, ки ин ба 0,5 фоизи хароҷоти умумии буҷети онҳо баробар мебошад.

Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа аз рӯйи даромад ба маблағи – 1,7 млрд. сомонӣ бо афзоиши 29,2 фоиз ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, аз ҳисоби муассисаҳои буҷетӣ – 522,8 млн. сомонӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ - 1177,4 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ин нисбат ба соли ҷорӣ – 383,9 млн. сомонӣ, зиёд мебошад.

Инчунин аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа 45,0 млн.сомонӣ, бо афзоиши 28,5 фоиз маблағҳои мақсаднок барои пӯшондани касри он пешбинӣ гардидааст.

Хароҷоти Буҷети давлатӣ дар соли 2013 дар доираи нишондиҳандаҳои даромад, бо дарназардошти касри буҷет, 0,5 фоизи Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ муайян шуда, он пеш аз ҳама ба мақсади маблағгузории афзалиятҳои стратегии давлат, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, нигоҳдории мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ ва дигар барномаҳои муҳими давлатӣ равона карда мешавад.

Ҳаҷми хароҷоти Буҷети давлатӣ 12,3 млрд.сомонӣ ё ба 29,1 фоизи ММД баробар гардида, нисбат ба соли ҷорӣ -0,2 фоиз ё ба маблағи 1,9 млрд.сомонӣ афзоиш меёбад. Ин нишондиҳанда мутаносибан дар соли 2014-ум -14,2 млрд. сомонӣ ё 29,5 фоиз ва дар соли 2015-ум 15,5 млрд. сомонӣ ё 28,3 фоизро ташкил медиҳад.

Афзоиши хароҷоти Буҷети ҷории давлатӣ дар соли оянда 1,6 млрд. сомониро ташкил дода, асосан барои ислоҳоти музди меҳнат ба маблағи 709,6 млн. сомонӣ, нафақа ва пардохтҳои иҷтимоӣ – 410,0 млн. сомонӣ, сохтмони иншооти муҳими давлатӣ – 220,0 млн. сомонӣ ва барои хизматрасонии қарзҳои берунӣ ва дохилӣ – 124,0 млн. сомонӣ равона карда мешавад.

Ҳамзамон маблағгузории дигар моддаҳои хароҷотии вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ, дар доираи имкониятҳои мавҷуда, бо назардошти афзалиятҳои соҳавӣ дар сатҳи буҷети соли ҷорӣ, нигоҳ дошта шудааст.

Дар сиёсати Буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат масъалаи таъмини уҳдадории давлат оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа мебошад, нигоҳ дошта шудааст.

Бинобар ин, дар соли 2013 хусусияти иҷтимоии Буҷети давлатӣ боз ҳам баланд бардошта мешавад.

Дар ин самт, сарфи назар аз мушкилиҳои солҳои охир, музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа ва стипендия зиёда аз ду маротиба баланд бардошта шуд. Танҳо дар соли ҷорӣ, аз 1 сентябр, музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоби миёна 50 фоиз зиёд гардида, ба ин мақсад зиёда аз 230 млн. сомонӣ маблағҳои иловагӣ равона карда шуданд.

Дар соли 2013 барои таъмини маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, бо дарназардошти ислоҳоти музди меҳнати ин соҳаҳо, зиёда аз 6,3 млрд. сомонӣ равона карда мешавад, ки ин нисбати соли ҷорӣ 26 фоиз зиёд буда, қариб 52 фоизи ҳаҷми умумии буҷетро ташкил медиҳад.

Хароҷоти ин соҳаҳо дар ҳаҷми Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ ба 13,4 фоиз баробар гардид, ки ин нисбат ба соли ҷорӣ 1,1 банди фоиз зиёд мебошад.

Бояд зикр кард, ки агар ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ 18,6 фоиз афзоиш ёфта бошад, хароҷоти соҳаҳои маориф 32,5 фоиз ё ба маблағи 520,0 млн.сомонӣ, тандурустӣ – 27,0 фоиз ё 200,0 млн. сомонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа – 24,8 фоиз ё 430,0 млн. сомонӣ, фарҳанг ва варзиш – 34,1 фоиз ё 112,0 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Дар соҳаи маориф соли оянда хароҷот барои таъмини афзалиятҳои ин соҳа - давом додани ислоҳоти системаи музди меҳнати кормандони соҳаи маориф ва идорпулии донишҷӯён, ислоҳоти таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбӣ, рушди таҳсилоти томактабӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва рушди муассисаҳои таълимӣ равона мегардад, аз ҷумла барои:

- нигоҳдории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ - 45,5 млн. сомонӣ, бо афзоиши 13,3 млн.сомонӣ ё 45,5 фоиз;

- нигоҳдории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ - 1450,1 млн. сомонӣ, бо афзоиши 380,8 млн.сомонӣ ё 35,6 фоиз;

- нигоҳдории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ - 393,2 млн.сомонӣ, бо афзоиши 76,8 млн. сомонӣ ё 24,3 фоиз;

- фаъолияти муассисаҳои дигари соҳаи маориф - 244,8 млн. сомонӣ, бо афзоиши 52,0 млн.сомонӣ ё 27,0 фоиз;

- мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ - 81,9 млн.сомонӣ, бо афзоиши 6,0 млн.сомонӣ;

- ҷудо намудани қарз ба омӯзгорони ҷавон барои беҳтар намудани шароити манзилии онҳо - 2,0 млн. сомонӣ;

- барои чопи китобҳои дарсӣ - 26,7 млн.сомонӣ;

- бо мақсади дар хориҷи кишвар тайёр намудани мутахассисон дар Фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6,2 млн.сомонӣ бо афзоиши 24 фоиз пешбинӣ шудааст.

Хароҷоти Буҷети давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ аз рӯйи афзалиятҳои соҳа - ислоҳоти маблағгузории сарикасӣ, бо дарназардошти ҳамаи моддаҳои хароҷотӣ, дар сатҳи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ ва мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои табобатию профилактикӣ муайян гардида, баҳри беҳтар гардонидани саломатии аҳолӣ ва рушди муассисаҳои табобатӣ мусоидат хоҳад намуд, аз ҷумла барои:

- нигоҳдории беморхонаҳо – 576,8 млн.сомонӣ, нисбати соли 2012-ум бо афзоиши 111,4 млн. сомонӣ ё ин ки 24,0 фоиз;

- нигоҳдории дармонгоҳҳо – 210,2 млн.сомонӣ бо афзоиши 74,2 млн. сомонӣ ё ин ки 54,6 фоиз;

- нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи сиҳатии аҳолӣ - 44,1 млн. сомонӣ бо афзоиши 9,6 млн. сомонӣ ё ин ки 27,8 фоиз ;

- барои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои табобатию профилактикӣ - 56,8 млн.сомонӣ бо афзоиши 25,6 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Дар доираи ин маблағҳо, пеш аз ҳама барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории ишемиявии дил барои солҳои 2007-2015», «Оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар барои солҳои 2008-2012», «Оид ба чораҳои рушди донорӣ ва такмили фаъолияти хадамоти хун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014», «Ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» ва ғайраҳо амалӣ карда мешаванд.

Буҷети соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар соли оянда, аз рӯйи афзалиятҳои соҳа, яъне ислоҳот дар соҳаи нафақа ва раванди дастгирии унвонии иҷтимоӣ муайян гардида, ҷиҳати баланд бардоштани сифати некуаҳволӣ ва таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пардохти музди меҳнат, нафақа, ҷубронпулиҳо ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ равона мегардад, аз ҷумла барои:

- нигаҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ барои кӯдакон, калонсолон, пиронсолон, маъюбон ва санаторияву профилакторияҳо - 35,3 млн.сомонӣ, ки нисбати соли 2012 -ум 6,1 млн.сомонӣ ё 20,9 фоиз;

- ҷуброн намудани роҳхатҳо ба санаторияю профилакторияҳо барои иштирокчиёну маъюбони садамаи Неругоҳи атомии Чернобил ва оилаҳои бесаробонмондаи онҳо - 6,9 млн.сомонӣ;

- ҷубронпулӣ барои ҷудо намудани қарзи имтиёзнок ва ёрии яквақтаина ба хоҷагиҳое, ки аз ҷойҳои хавфнок ва хоҷагиҳое, ки ихтиёрӣ кӯчонида мешаванд - 5,6 млн. сомонӣ;

- иловапулӣ ба нафақаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945-ум 3,2 млн.сомонӣ;

- пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳое, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил мекунанд ва ҷубронпулӣ барои истифодаи қувваи барқу газ барои оилаҳои камбизоат – 36,0 млн.сомонӣ;

- ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон – 4,2 млн.сомонӣ равона карда мешавад.

Дар баробари ин, соли 2013 дар доираи маблағҳои ҷиҳати пардохти ҷуброни барқу газ ва кӯмакпулӣ барои мактаббачагони аз оилаҳои камбизоат пешбинишуда, ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар ҳашт шаҳру ноҳияи дигари ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

Хароҷоти буҷет барои соҳаи фарҳанг ва варзиш дар соли оянда, пеш аз ҳама барои таъмини рушди муассисаҳои фарҳанг, варзиш ва иттилоот равона карда мешавад, аз ҷумла барои:

- нигоҳдории муассисаҳои фарҳангию оммавӣ (китобхонаҳо, осорхонаҳо, театрҳо, ансамблҳо, маҷмааҳои давлатӣ) - 124,5 млн. сомонӣ бо афзоиши 33,9 млн.сомонӣ ё ин ки 37,5 фоиз;

- нигоҳдории телевизион ва радиошунавонии давлатӣ - 72,1 млн. сомонӣ бо афзоиши 12,7 млн. сомонӣ ё 21,4 фоиз ;

- нигоҳдории матбуоти даврӣ ва нашриёт – 17,0 млн.сомонӣ бо афзоиши 4,6 млн. сомонӣ ё 37,1 фоиз;

- фаъолияти дигар муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш – 212,5 млн.сомонӣ бо афзоиши 59,5 млн. сомонӣ ё 38,8 фоиз;

- амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи рушди ҳунарҳои бадеӣ ва рушди мусиқии касбӣ барои солҳои 2009-2015», «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои нашриявӣ ва китобхонаҳои оммавӣ барои солҳои 2010-2013», «Барномаи рушди бойгонии давлатӣ барои солҳои 2009-2018» ва «Барномаи давлатии рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» - 3,3 млн.сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Хароҷот барои рушди соҳаи туризм, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 11,2 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Дар доираи маблағҳои пешбинишуда, дар соли оянда барои маблағгузории сохтмони иншооти иҷтимоӣ аз рӯйи ҳамаи сарчашмаҳо 513,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 116,0 млн. сомонӣ, аз ҷумла соҳаи маориф – 231,0 млн. сомонӣ, тандурустӣ - 81,0 млн. сомонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ – 16,0 млн. сомонӣ, фарҳанг ва варзиш - 191,0 млн. сомонӣ равона карда мешавад.

Хароҷоти соҳаи илм ба маблағи 71,4 млн.сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2012-ум 12,0 млн. сомонӣ ё 20,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар баробари ин, дар буҷет маблағгузории сиёсати созандагӣ ва бунёдкории давлат дар солҳои оянда низ давом дода мешавад ва барои рушди соҳаҳои реалии иқтисодиёт, аз ҷумла сохтмон ва барқарорсозии иншооти энергетикӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, дастгирии соҳаи кишоварзӣ, азхудкунии заминҳои нав ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, дастгирии соҳибкории хурду миёна 4,0 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин нисбат ба соли ҷорӣ 330,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Хароҷот барои комплекси сӯзишворӣ ва энергетикӣ ба маблағи 1,7 млрд. сомонӣ бо афзоиши 163,0 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Дар доираи маблағҳои пешбинишуда иваз намудани дастгоҳи тақсимотии ОРУ -220 ва -500 кВт дар НБО-и «Норак», сохтмони хатҳои интиқоли барқи минтақавии Тоҷикистон-Афғонистон, лоиҳаи минтақавии «КАССА-1000», азнавбарқароркунии зеристгоҳи «Регар», инчунин барқарорсозии НБО-и «Роғун» ва корҳои лоиҳакашӣ дар НБО-и «Шӯроб» пешбинӣ гардидааст.

Ба соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия аз рӯйи ҳамаи сарчашмаҳо 1,2 млрд. сомонӣ равона мегардад, ки дар доираи ин сохтмон ва таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Данғара, Кӯлоб-Қалъаи Хумб, Душанбе-Турсунзода, Айнӣ-Панҷакент амалӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, танҳо барои сохтмон ва нигоҳдории дигар роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ ва роҳҳои маҳаллӣ аз ҳисоби буҷети ҷорӣ 184,1 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ дар лоиҳаи буҷет 310,0 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 30,0 млн.сомонӣ барои маблағгузории чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ ва хариди доруворӣ, мубориза бар зидди малах ва ҳашаротҳои зараррасон, рушди соҳаи чорводорӣ, занбӯриасалпарварӣ, хариди тухмии зироатҳои кишоварзӣ, тариқи лизинг харидорӣ намудани техникаи кишоварзӣ ва дигар барномаҳои соҳаи кишоварзӣ равона карда мешавад.

Барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ дар зиёда аз 30 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ, васеъ намудани заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ва барқарор намудани ҳолати мелиоративӣ, муайян намудани масоҳат, кадастри замин ва ҳифзи муҳити зист зиёда аз 406,0 млн. сомонӣ бо афзоиши 16,0 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Инчунин ҷиҳати бартараф намудани оқибати ҳолатҳои фавқулодда дар ду соли охир барои хариди техникаи наҷотдиҳӣ зиёда аз 20,0 млн. сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Дар соли оянда бошад, ба ин мақсад 5,0 млн.сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо супориши Президенти кишвар дар ҷаласаи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки 19 октябри соли 2012 баргузор гардид, бори аввал дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои таъсис додани Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ 5,0 млн.сомонӣ аз ҳисоби Фонди хароҷотҳои пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки ин, пеш аз ҳама ба мақсади рушди соҳибкории хурду миёна равона мегардад.

Дар баробари ин, маблағҳои баргардонидашудаи қарзе, ки дар ҳаҷми 28,0 млн. сомонӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои дастгирии соҳибкорӣ ҷудо гардида буд, пурра ба Фонди мазкур ҳамчун маблағҳои гардишӣ гузаронида шуда, дар солҳои оянда маблағгузории он аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ то 100,0 млн.сомонӣ расонида мешавад.

Ҳамзамон бояд зикр кард, ки айни ҳол барои дастгирии соҳибкорӣ бо Ҷумҳурии Қазоқистон Фонди инноватсионӣ (ҳиссагузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 15,0 млн.сомонӣ), бо Бонки Рушди Осиё ва Бонки Исломии Рушд лоиҳа оид ба низоми маблағгузории хурд дар ҳаҷми 10,4 млн. доллари амрикоӣ барои ноҳияҳои кӯҳистон, қарзҳои имтиёзнок ба маблағи 20,0 млн. сомонӣ, грантҳо барои соҳибкорӣ дар байни занон ва ҷавонон 10,0 млн. сомонӣ, барои ҷалби бекорон ба соҳибкорӣ 13,0 млн. сомонӣ амалӣ гардида истодаанд. Инчунин дар буҷети соли 2013 низ барои ҷалби бонувон ва ҷавонон ба соҳибкорӣ 2,9 млн. сомонӣ грант пешбинӣ гардидааст.

Барои пурра намудани Фонди захиравии моддӣ ва захираҳои сафарбаркунии давлатӣ бошад, дар соли оянда - 110,0 млн.сомонӣ равона мегардад, ки ин нисбат ба буҷети соли ҷорӣ 30,0 млн.сомонӣ зиёд мебошад.

Барои фаъолияти сиёсати берунии ҷумҳурӣ, таъмини бехатарӣ ва мудофиаи кишвар, ҳиссаи Ҳукумати ҷумҳурӣ дар лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъминоти уҳдадории давлат дар ташкилотҳои байналмилалӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар чорабиниҳои муҳими давлатӣ низ маблағҳои зарурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамзамон дар буҷет хароҷот барои нигоҳдории мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, бо дарназардошти ихтисор намудани шумораи кормандони онҳо, дар сатҳи соли ҷорӣ нигоҳ дошта шудааст ва дар ин самт ҳар гуна хароҷоти бесамар, аз қабили хариди таҷҳизот ва нақлиёт, таъмир ва дигар хароҷоти дуюмдараҷа маҳдуд карда шудаанд. Афзоиши хароҷот барои мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ танҳо 7,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли оянда бо сабаби расидани муҳлати хизматрасонии қарзи беруна, аз ҷумла қарзи Ҷумҳурии Халқии Хитой, ҳаҷми маблағгузории он зиёд гардида, дар соли 2013 ин маблағ ба 670,4 млн. сомонӣ, аз ҷумла пардохти қарзҳои асосӣ 502,2 млн. сомонӣ ва пардохти фоизҳо аз рӯйи онҳо 168,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли ҷорӣ ба маблағи 124,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Бинобар ин, дар лоиҳаи Буҷети давлатии соли 2013 барои хизматрасонии қарзи беруна 338,2 млн.сомонӣ, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 170 млн. сомонӣ ва фоизҳо 168,2 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари ин, пардохти як қисми қарзи асосӣ дар ҳаҷми 332,2 млн.сомонӣ аз ҳисоби ҷалб намудани қарзҳои нав ва грантҳо аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар давлатҳои донор, инчунин баровардани қоғазҳои қиматноки давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Барои хизматрасонии қарзҳои дохилии давлатӣ бошад, 83,1 млн. сомонӣ равона мегардад.

Умуман, касри васеи Буҷети давлатӣ дар соли 2013-ум 542,6 млн.сомонӣ ё 1,3 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад ва пӯшонидани он аз ҳисоби хусусигардонии моликияти давлатӣ, фурӯши векселҳои хазинадорӣ ва ҷалби даромадҳои иловагии буҷети ҷумҳуриявӣ, қарз (грант)-и барномавӣ аз институтҳои байналмилалии молиявӣ, аз рӯйи созишномаи зерқарзии ШСХК «Барқи Тоҷик», КВД «Обу корези шаҳри Душанбе», КВД «Тоҷиктрансгаз» ва дигар манбаъҳо таъмин карда мешавад.

Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони Маҷлиси намояндагон !

Ҳангоми таҳияи Буҷети давлатӣ барои соли 2013 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2014-2015 ва баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби вакилон як қатор дархосту таклифҳо оиди васеъ намудани базаи андозбандӣ ва зиёд намудани даромади буҷет, баланд бардоштани хароҷоти иҷтимоӣ, сохтмон ва барқарорсозии мактабҳо, беморхонаҳо ва дигар иншооти иҷтимоӣ, мақсаднок ва самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, мукаммал ва оммафаҳм намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» пешниҳод гардиданд.

Ҳамаи таклифу дархостҳо танҳо ба мақсади рушди минбаъдаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, беҳдошти сатҳи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани зиндагии аҳолӣ равона карда шудаанд.

Қисме аз ин пешниҳодҳо аллакай дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» ба инобат гирифта шудаанд.

Қисми дигари пешниҳодот ҳангоми таҳия ва қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» ва дар рафти иҷрои буҷет ба инобат гирифта мешаванд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷет аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда шуда буд, ки даромадҳои Буҷети давлатӣ ба маблағи 8,3 млрд. сомонӣ бо афзоиши танҳо 6,4 фоиз муайян карда шавад, ки ин нисбат ба лоиҳаи буҷети пешниҳодшуда 1,3 млрд. сомонӣ кам мебошад.

Ҳамзамон ҳаҷми хароҷоти ҷории Буҷети давлатӣ ба маблағи 17,5 млрд сомонӣ пешниҳод карда шудааст, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи воқеии буҷети пешниҳодшуда 8,0 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Мутаассифона, вобаста ба захираҳои молиявии мавҷуда дар доираи буҷети солона ҳамаи масъалаҳои гузошташуда ба инобат гирифта нашуданд, вале онҳо дар солҳои оянда дар доираи барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати хароҷотҳо марҳила ба марҳила аз рӯйи афзалиятнокиашон амалӣ хоҳанд шуд.

Нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои соли 2013 хеле мураккаб буда, таъмин намудани он заҳмати зиёдро талаб менамояд. Вале дар доираи рушди воқеии имрӯзаи иқтисодиёт Буҷети пешниҳодшуда иҷрошаванда мебошад ва мо барои таъмини иҷрои он тамоми чораҳои заруриро меандешем.

Барои ҳамкории муфид изҳори миннатдорӣ намуда, хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» ва нишондиҳандаҳои онро барои солҳои 2014-2015 дастгирӣ намоед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Раҷабов Сафаралӣ Худоёрович дода мешавад.

**Сафаралӣ РАҶАБОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, дигар кумитаҳо ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва дигар санадҳои меъёрие, ки низоми андозбандиро ба танзим медароранд, таҳия гардида, аз 27 модда иборат мебошад.



Дар моддаҳои 1 то 14 лоиҳаи қонун ҳаҷми умумии Буҷети давлатӣ аз ҳисоби намудҳои даромад ва ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ, ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатӣ аз рӯйи соҳаҳо, андозаи ниҳоии касри Буҷети давлатӣ, ҳаҷми умумии буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯйи даромад ва хароҷот, хароҷот аз рӯйи тартиби гурӯҳбандии вазифавӣ, идоравӣ ва гурӯҳбандии иқтисодӣ, Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маблағҳои мақсаднок (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ ҷудошаванда, маблағи нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ, ҳаҷми буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз рӯйи даромад ва хароҷот, таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ муқаррар карда шудаанд.

Дар моддаи 15 лоиҳаи қонун бо мақсади дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мисли солҳои пештара воридоти газу барқ ва гандум, инчунин воридоти нақлиёти мусофиркашонӣ, битум ва мазут барои эҳтиёҷоти шаҳри Душанбе, барои кормандони Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилӣ, воридоти қисмҳои эҳтиётӣ ва ҷузъҳои алоҳида барои васлкунии техникаи кишоварзӣ ва таҳвили онҳо, ки дар Ҷамъияти муштараки саҳомии пӯшидаи «Тоҷ-Ирон» истеҳсол карда мешаванд, иҷрои кор ва хизматрасонии фармоишгарон ва пудратчиёни асосӣ оид ба сохтмони меҳмонхонаи «Исмоили Сомонӣ» ва меҳмонхона, воқеъ дар кӯчаи Айнии шаҳри Душанбе, имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ гардидааст.

Моддаи 16-уми лоиҳаи қонун ҳиссаҷудокунии маблағҳоро аз ҳисоби иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи маҳаллӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ ба «Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт» дар ҳаҷми 20 фоиз пешбинӣ менамояд.

Дар моддаи 17 тартиби ҷойгиркунии депозитҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар бонкҳо бо мақсади зиёд намудани даромади буҷет аз ҳисоби фоиз аз рӯйи онҳо, ки ба 1 январи соли 2013 ба вуҷуд омадаанд, муқаррар карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 18 дар соли 2013 ба моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷот, музди меҳнат, маблағҷудокуниҳо барои суғуртаи иҷтимоӣ, стипендия, нафақа, ёрдампулӣ ва ҷубронпулӣ дохил карда мешаванд.

Дар моддаҳои 19, 21, 22 ва 24 тартиби баҳисобгирии маблағҳои махсуси вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳои дахлдори аз Буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда, гузаронидани амалиётҳои молиявӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ тавассути Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк», ҳавасмандгардонии кормандон ва рушди базаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пардохти маблағҳо тибқи ҳалномаҳои судӣ ва ба буҷет ворид намудани ҷаримаҳо ва дигар пардохтҳо ҳангоми вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Дар моддаи 20 имтиёзҳо ва пардохти ҷубронпулӣ ба ивази озуқаворӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳои ҳарбӣ, сарпрокуратураи ҳарбӣ ва дигар мақомоти қудратӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Дар моддаи 23 лоиҳаи қонун бошад, нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ҷаримаҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, дар ҳаҷми 40 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Мувофиқи моддаи 25 лоиҳаи қонун ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 аз рӯйи даромад ба маблағи 8 млрд. 937 миллиону 895 ҳазор сомонӣ, аз рӯйи хароҷот ба маблағи 8 млрд. 562 миллиону 34 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии даромад нисбати хароҷот ба маблағи 375 миллиону 861 ҳазор сомонӣ барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

Дар моддаи 26-уми лоиҳаи қонун низоми даровардани тағйирот ба даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 2013 пешбинӣ гардидааст ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад, ки дар қисмҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ, мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бе тағйир додани ҳаҷми касри буҷет тағйироти дахлдор ворид намояд.

Мутобиқи моддаи 27 қонуни мазкур аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода мешавад. Мувофиқи қисми 2 Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013» пешниҳод карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ барои солҳои 2014-2015 тасдиқ карда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки даромаду хароҷоти Буҷети давлатӣ барои солҳои 2014-2015 нишондиҳандаҳои назоратӣ буда, дар доираи онҳо бояд мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, барномаҳои амалкунандаи соҳавӣ ва барномаҳои нави пешниҳодшударо амалӣ намоянд.

Бо тағйирёфтани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт, дар асоси талаботи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти он аниқ карда шуда, ҳангоми пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014» аз нав дида баромада мешаванд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳои пешниҳодкардаашон ба кумитаи масъул лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013»-ро ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон даҳ таклифу дархост пешниҳод намуданд.

(Идома дар саҳ. 5)

● Эҳёгарони санъати миллӣ

# Баёзи кӯҳистон

Шуъбаи фарҳанги ноҳияи Тоҷикобод соли 1991 ташкил ёфтааст. Дар давраи истиқлолияти давлатӣ дастовардҳои шуъбаи фарҳанг бахусус назаррас мебошанд. Дар ноҳия санъаткороне фаъолият намудаанд, ки бо маҳорати худ маҳбуби дилҳо гардидаанд. Барои иштироки фаъолона дар эҳё гардонидани анъанаҳои мардумӣ, тарбияи санъаткорони ҷавон корманди шуъбаи фарҳанги ноҳия Давлатхӯча Исмоилов соли 1998 сазовори унвони Ҳофизи халқии Тоҷикистон гардид.

Соли 2000 дар Театри академӣ- драмавии ба номи Лоҳутӣ ҷашни Ҳофизи халқии Тоҷикистон Иброҳим Кобулӣ ботантана доир шуд.

Санъаткорони шуъбаи фарҳанги ноҳия барои таҳия ва пешкаши тамошобинон гардонидани барномаҳои ҷолибу рангин кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд.

Соли 2001 Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии «Андалеб - 2001» доир гардид, ки санъаткорони шуъбаи фарҳанги ноҳияи Тоҷикобод дар минтақаи Рашт соҳиби ҷойи аввал шуда, ба даври ниҳойӣ роххат гирифтанд. Дар даври ниҳойӣ низ маҳорати баланд нишон дода, дар Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии «Андалеб -2001» ҷойи аввалро соҳиб шуданд. Сазовори чунин комёбиҳо гардидан шароит фароҳам овард, ки дар заминаи шуъбаи фарҳанги ноҳия Ансамбли тарона ва рақси «Баёзи кӯҳистон» таъсис ёбад.

Тавре дар суҳбат бо мудири шуъбаи фарҳанги ноҳияи Тоҷикобод Мустафо Шукуров маълум шуд, барномаи консертии ансамбли мазкурро сурудҳои анъанавии мардумӣ, муосир ва мақомхонӣ ташкил медиҳанд.

-Бахусус барои санъаткорони ноҳия соли 2003 бобарор ва хотирмон буд,- мегӯяд Мустафо Шукуров. -Ансамбли тарона ва рақси «Баёзи кӯҳистон» дар Фестивали байналмилалӣ тахти унвони «Баҳори Бойсун», ки бо дастгирии ЮНЕСКО дар пойтахти Ҷумҳурии Ӯзбекистон- шаҳри Тошкент гузаронида шуд, иштирок намуд. Дар он 56 ансамбли фолклории 18 мамлакат маҳорати худро нишон доданд. Ансамбли тарона ва рақси «Баёзи кӯҳистон» дар ин фестивал бо барномаи театрикунонидашудаи «Ашагулун» баромад намуд. Ин суруди анъанавии мардуми кӯҳистон аст, ки ҳангоми киштукор барои боридани борон хонда мешавад.

Суруди «Ашагулун» (шояд ибораи соддашудаи «Ашки гулгун» бошад) бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад:

***Ашагулуни ростина,***
***Якбор биҷумбун остина.***
***Гандуми сабзум хушк шидай,***
***Якбор бирезун боруна.***

Он ҳамчун нақарот баъди хондани рубоиҳои халқӣ такрор мешавад. Рубоӣ ва дубайтиҳои халқӣ низ бояд ифодагари мақсаду хоҳиши барзгарон бошад. Киштаи деҳқон аз беобӣ хушк шудааст ва ӯ дар ҳасрати борон мебошад. Чунончӣ:

***Як даста гулум дар сари новардунай,***
***Пажмурда шидай дар ҳасрати борунай.***
***Эй абри баҳор кай хайма бар сар мекунӣ,***
***Себаргаву лолазора кай тар мекунӣ.***

Онҳо тарзи иҷрои суруди «Ашагулун»-ро такмил дода, гирди лӯхтак рақсу сурудхониро бо сару либоси миллӣ, дастурхони пур аз нону кулча, ҳалво, ки маҳсули ранҷи деҳқон аст, илова намуданд.

Онҳо тавонистанд як саҳнаи ҷолибро, ки асосаш анъанаи миллӣ мебошад, тайёр ва пешкаши доварону тамошобинон гардонанд.



-Дар рафти намоиш, - ба ёд меорад Мустафо Шукуров,- санъаткорон рубойии маъмули халқиро, ки бо мисраи «Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад» иҷро мекарданд. Намоиш дар толори кушода гузаронда мешуд. Ҳаво соф буд, аммо дар ин лаҳза абре пайдо шуд ва борон борид. Ин тасодуфи аҷиби табиат ҳам тамошобинон ва ҳам доваронро, ки аз Франсия ва Олмон буданд, ба тааҷҷуб овард.

Тавре ки ғайричашмдошт борон борид, дар ин фестивал сазовори ҷойи аввал ва соҳиби шоҳҷоиза гаштан низ барои Ансамбли тарона ва рақси «Баёзи кӯҳистон» ногаҳонӣ буд. Бо хоҳиши ҳокими шаҳри Тошкент санъаткорони тоҷик дар маркази шаҳр бо барномаи консертӣ баромад намуданд. Ба тамошобинон барномаи рангини онҳо маъқул омад ва санъаткоронро такроран ба саҳна даъват менамуданд.

Ин комёбӣ барои Ансамбли тарона ва рақси «Баёзи кӯҳистон» ягона нест. Давоми солҳои 2000-2010 санъаткорони ноҳия панҷ маротиба ғолиби Озмуни ҷумҳуриявии «Андалеб» гардидаанд.

Ин ансамбл воқеан ҳам ба мактаби дарёфти истеъдодҳои ҷавон, сайқали маҳорати ҳунармандон мубаддал гардидааст. Ҳофизи халқии Тоҷикистон Давлатхӯча Исмоилов, ки дар ҷодаи санъат собиқаи беш аз 40 -сола дорад, мураббӣ ва устоди сахтгиру меҳрубони санъаткорони ҷавон мебошад. Мудири шуъбаи фарҳанги ноҳия Мустафо Шукуров баробари маҳорати баланди ташкилотчигӣ, сарояндагӣ доштан, оҳангсоз низ мебошад. Дар муддати фаъолияти шуъбаи фарҳанги ноҳияи Тоҷикобод дар фонди тиллоии радиои тоҷик 68 оҳанг сабт шудааст, ки 52 -тои он эҷоди Мустафо Шукуров мебошад. Аз ҷумла сурудҳои «Паёми Ваҳдат» (шеъри Шаҳрия), «Санги хоро бишканад» (шеъри Лоиқ), «Ошёни меҳр» (шеъри Рустами Ваҳҳоб) ва ғайра маҳсули эҷоди ӯ мебошанд, ки борҳо аз тариқи телевизион ва радио садо додаанд. Барои саҳми муносиб дар ривоҷи санъати миллӣ Мустафо Шукуров бо ордени Шараф (соли 2003) мукофотонида шудааст. Аълочии фарҳанг, маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин муддат 15 нафар санъаткорони шуъбаи фарҳанги ноҳия мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси мусиқиро хатм намуданд, ки ҳоло дар соҳаи фарҳанг фаъолият доранд.

Акнун дар Ансамбли тарона ва рақси «Баёзи кӯҳистон» ҳунармандони боистеъдод гирд оварда шудаанд. Санъаткорони бомаҳорат Қадриддин Мудинов, Саломуддин Кобулиев, Зайнаб Аҳмадҷонова, Мафтуна Гадоева, Ислом Сангаков, Фаррух Давлатбеков, Сорбон Масъудов, Саидэҳсон Давлатбеков, Саидмухтор Давлатбеков ва дигарон бо баромадҳои ҷолиби худ мақбули тамошобинонанд.

Ҳилолӣ Фозилов дар Озмуни ҷумҳуриявии ровиён, ки бахшида ба 800-солагии Ҷалолуддини Балхӣ ва 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ доир гардида буд, иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм шуд.

Овозхони аз ҳама ҷавони ансамбли мазкур - хонандаи синфи 8-уми мактаби рақами 1-и ноҳия Хурмои Ширин мебошад. Ӯ иштиркочии Озмуни телевизионии «Овози тиллоӣ» дар соли 2011 буда, дар бахши мақомхонӣ бо иҷрои суруди «Гирди сарат гардам» бар ғазали Ҳилолӣ, ки дар панҷ давр доир гардида буд, ғолиби озмун шуд. Дар мактаб низ Хурмои Ширин аз ҷумлаи хонандагони беҳтарин мебошад.

Ҳамин тавр, барномаи консертии Ансамбли тарона ва рақси «Баёзи кӯҳистон» хеле бою рангин мебошад. Чанде пеш онҳо бахшида ба 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи наву ҷолиб омода намуда, пешкаши тамошобинон гардонданд.

-Баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи халқу давлати мо нақши муҳим дорад,- мегӯяд мудири шуъбаи фарҳанги ноҳия Мустафо Шукуров. Лаҳзаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гаштани Эмомалӣ Раҳмон, бо эҳтиром бӯсидани Парчами давлатӣ дар хотири мо мондааст. Ин лаҳзаи ҷолибро Шоири халқии Тоҷикистон Сафармуҳаммад Аюбӣ дар шеъраш «Ватанро соҳиби аркони давлат кард» самимӣ баён намудааст:

***Даме, ки рӯ ба Парчам карда буд Сарвар,***
***Ба пеши халқ сар хам карда буд Сарвар***
***Ба зону бе сухан биншаста буд Сарвар,***
***Ба таъзими Ватан биншаста буд Сарвар.***

Бешак, сурудҳое, ки Ватан, дӯстӣ, Ваҳдати миллӣ, бародариро васф менамоянд, асоси барномаҳои мо мебошанд. Хушбахтем, ки онҳо аз ҷониби тамошобинон хуш пазируфта мешаванд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

## Намоишгоҳи байналмилалӣ баргузор шуд

8-9- уми ноябри соли равон дар меҳмонхонаи «Ҳаят Реҷенси»- и шаҳри Душанбе 7- умин Намоишгоҳи ширкати байналмилалии Тоҷикистон- Малайзия «ТМ- international» доир гардид.

Намоишгоҳи мазкур дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои маорифи Тоҷикистону Малайзия ва Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир шуд. Намоишгоҳ ба хонандагон ва толибилмон имкон медиҳад, ки доир ба таҳсилу омӯзиш дар донишгоҳҳои кишварҳои хориҷа маълумоти бештар пайдо кунанд. Тавре директори ширкат Абдураззоқ Абдуллоев зикр кард, соли равон ширкати байналмилалии Тоҷикистон - Малайзия «ТМ-international» бо Донишгоҳи такмили ихтисоси Лондон, Коллеҷи идоракунии Лондон, Донишгоҳи давлатии технологии Малайзия, Коллеҷи Президентии Малайзия ва Донишгоҳи «Skyline»-и Аморати Муттаҳидаи Араб шартнома ба имзо расонидааст. Мақсад аз фаъолияти ширкати мазкур боло бурдани сатҳи донишу малакаи ҷавонон ба илмҳои дақиқ мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бори аввал чунин намоишгоҳ аз ҷониби ширкати байналмилалии Тоҷикистон - Малайзия «ТМ-international» соли 2008 доир гашта буд. Ин ширкат то имрӯз ҳафтумин намоишгоҳи байналмилалии таълимиро дар манотиқи гуногуни кишвар баргузор намудааст.

***Ш. АБДУЛВОҲИДОВА,***
***«Садои мардум»***

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**18 декабри соли 2012 музоядаи №24-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда баргузор менамояд**

| т/р | ТАМҒА | Рақами давлатӣ | Соли барориш | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Москвич - 412 | 23-83 ХТА | 1973 | КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон», КФ қитъаоти Қӯрғонтеппагии роҳи оҳан | 714 |
| 2 | Присепи трактор | № 1656 | 1988 | | 966 |
| 3 | Присепи трактор | № 43070 | 1989 | | 966 |
| 4 | ГАЗ-3110-411 | 10-18 А 04 | 2003 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4902 |
| 5 | ГАЗ-3102 | 20-31 А 04 | 1996 | | 2506 |
| 6 | УАЗ-31512-01 | 11-26 А 04 | 1987 | | 2291 |
| 7 | ГАЗ-3102 | 17-50 А 04 | 1997 | | 3864 |
| 8 | ВАЗ-21213 | 48-39 А 01 | 1998 | | 4016 |
| 9 | ГАЗ-3102 | 09-67 Е 01 | 2001 | Меҳмонхонаи «Авесто»-и Маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат» дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8342 |
| 10 | ГАЗ-53 | 23-74 ДБВ | 1983 | КВД «Маркази таълимии шаҳри Душанбе», Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 683 |
| 11 | ГАЗ-3110 | 35-52 В 01 | 2003 | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6900 |
| 12 | ГАЗ-52-04 | 86-49 ЛБМ | 1977 | КВД «Аэрогеодезии Суғд», Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1024 |
| 13 | ГАЗ-52-04 | 17-36 А 02 | 1986 | | 1092 |
| 14 | УАЗ-469Б | 17-39 А 02 | 1984 | | 669 |
| 15 | ГАЗ-31029 | 00-63 В 02 | 1993 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3084 |
| 16 | ГАЗ-3110 | 78-01 А 01 | 1999 | Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1350 |
| 17 | Мерседес Бенс-200 | 30-92 Е 01 | 1995 | КВД «Ташхисгар», Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 13206 |
| 18 | ГАЗ-31029 | 69-18 А 01 | 1993 | | 4292 |
| 19 | ГАЗ-3102 | 15-74 В 02 | 1998 | Пойгоҳи локомотивии минтақаи Суғд, КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 9198 |
| 20 | BMW-524 | 27-22 А 02 | 1991 | | 5476 |
| 21 | Нисан-Патрул | 07-62 В 01 | 1993 | ҶСК «Тоҷиксемент» | 5594 |
| 22 | ВАЗ-2108 | 78-59 А 01 | 1987 | | 1848 |
| 23 | УАЗ-2206-01 | 11-41 А 04 | 1988 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 976 |
| 24 | ВАЗ-21060 | 01-17 В 02 | 1997 | | 1618 |
| 25 | ВАЗ-2108 | 01-08 В 02 | 1993 | | 1436 |
| 26 | ГАЗ-31021 | 99-35 А 02 | 1991 | | 1500 |
| 27 | ГАЗ-2410 | 01-31 В 02 | 1992 | | 700 |
| 28 | ВАЗ 2106 | 16-68 А 01 | 2000 | | 3180 |
| 29 | ВАЗ 21063 | 16-67 А 01 | 1999 | | 3282 |
| 30 | ВАЗ - 21061 | 62-84 А 01 | 1997 | | 3087 |
| 31 | ВАЗ-2106 | 62-76 А 01 | 1995 | | 3267 |
| 32 | ГАЗ-3110 | 57-83 А 01 | 1997 | | 3811 |
| 33 | ГАЗ-31029 | 33-15 А 03 | 1993 | | 1845 |
| 34 | ВАЗ-21061 | 05-44 В 03 | 1998 | | 1415 |
| 35 | УАЗ-31512 | 33-17 А 03 | 1995 | | 1029 |
| 36 | УАЗ-31512 | 27-02 А 03 | 1995 | | 2340 |
| 37 | УАЗ-31514 | 27-06 А 03 | 1996 | | 3087 |
| 38 | УАЗ-31512 | 27-07 А 03 | 1995 | | 4018 |
| 39 | ГАЗ-31029 | 26-95 А 03 | 1995 | | 3087 |
| 40 | Дайво Эсперо | 01-13 А 01 | 1994 | | 6944 |
| 41 | ВАЗ 21093 | 17-67 ХТА | 1994 | | 5315 |
| 42 | ГАЗ-3102 | 51-15 А 01 | 2000 | КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ | 3419 |
| 43 | ГАЗ - 31029 | 09-75 А 01 | 1993 | Киностудияи «Тоҷикфилм» | 2000 |
| 44 | ГАЗ -69 | 70-56 А 01 | 1976 | Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 983 |
| 45 | УАЗ-469 | 047 ВР 01 | 1980 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ | 900 |
| 46 | МАЗ | Е 39-58 03 | 1982 | | 4500 |
| 47 | ГАЗ-24 | 15-07 А 01 | 1997 | | 1782 |
| 48 | ЗИЛ ММЗ - 45023 | 19-37 А 01 | 1997 | Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 18450 |
| 49 | ЗИЛ-130 АПГ-17 | 18-47 А 01 | 1995 | | 16909 |
| 50 | ЗИЛ-130 | 79-71 А 01 | 1989 | | 20278 |
| 51 | Автокран Днепр | 82-40 А 01 | 1985 | | 138772 |
| 52 | Автокран КС 3575 | 28-18 А 01 | 1992 | | 12994 |
| 53 | Булдозер Т-333 | 17915 Д | 1995 | | 63109 |
| 54 | Погрузчик ТО-18 ДН5 | 15987 Д | 1994 | | 18144 |
| 55 | Урал тягач | 81-08 А 01 | 1986 | | 25535 |
| 56 | МТЗ-80 | 27-16 ТЧ | 2000 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12062 |
| 57 | ГАЗ-53 | 027 ВВ 02 | 1980 | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 308 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**18 декабря 2012 года проводит аукцион №24 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении**

| п/н | МАРКА | Гос номер | Год выпуска | Адрес | Стартовая Стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Москвич - 412 | 23-83 ХТА | 1973 | ГУП «Роҳи оҳани Тоҷикистон», УП Кургантюбинской участки железной дороги | 714 |
| 2 | Присеп трактора | № 1656 | 1988 | | 966 |
| 3 | Присеп трактора | № 43070 | 1989 | | 966 |
| 4 | ГАЗ-3110-411 | 10-18 А 04 | 2003 | Генеральная прокуратура Республики Таджикистан | 4902 |
| 5 | ГАЗ-3102 | 20-31 А 04 | 1996 | | 2506 |
| 6 | УАЗ-31512-01 | 11-26 А 04 | 1987 | | 2291 |
| 7 | ГАЗ-3102 | 17-50 А 04 | 1997 | | 3864 |
| 8 | ВАЗ-21213 | 48-39 А 01 | 1998 | | 4016 |
| 9 | ГАЗ-3102 | 09-67 Е 01 | 2001 | Гостиница «Авесто», Государственный комплекс «Кохи Ваҳдат» при Исполнительном Аппарате Президента Республики Таджикистан | 8342 |
| 10 | ГАЗ-53 | 23-74 ДБВ | 1983 | ГУП «Маркази таълимии шаҳри Душанбе», Министерство труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан | 683 |
| 11 | ГАЗ-3110 | 35-52 В 01 | 2003 | Центр стратегический исследований при Президенте Республики Таджикистан | 6900 |
| 12 | ГАЗ-52-04 | 86-49 ЛБМ | 1977 | ГУП «Аэрогеодезии Суғд», Государственный комитет по земледелю и геодезии Республики Таджикистан | 1024 |
| 13 | ГАЗ-52-04 | 17-36 А 02 | 1986 | | 1092 |
| 14 | УАЗ-469Б | 17-39 А 02 | 1984 | | 669 |
| 15 | ГАЗ-31029 | 00-63 В 02 | 1993 | Министерство финансов Республики Таджикистан | 3084 |
| 16 | ГАЗ-3110 | 78-01 А 01 | 1999 | Институт повышения квалификации работников правоохранительных органов Министерства юстиции Республики Таджикистан | 1350 |
| 17 | Мерседес Бенс-200 | 30-92 Е 01 | 1995 | ГУП «Ташхисгар», Агентство по строительству и архитектуры при Правительстве Республики Таджикистан | 13206 |
| 18 | ГАЗ-31029 | 69-18 А 01 | 1993 | | 4292 |
| 19 | ГАЗ-3102 | 15-74 В 02 | 1998 | Региональное Локомотивное депо в Согдийской области ГУП «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 9198 |
| 20 | BMW-524 | 27-22 А 02 | 1991 | | 5476 |
| 21 | Нисан-Патрул | 07-62 В 01 | 1993 | ОАО «Тоҷиксемент» | 5594 |
| 22 | ВАЗ-2108 | 78-59 А 01 | 1987 | | 1848 |
| 23 | УАЗ-2206-01 | 11-41 А 04 | 1988 | Государственный комитет по национальной безопасности Республики Таджикистан | 976 |
| 24 | ВАЗ-21060 | 01-17 В 02 | 1997 | | 1618 |
| 25 | ВАЗ-2108 | 01-08 В 02 | 1993 | | 1436 |
| 26 | ГАЗ-31021 | 99-35 А 02 | 1991 | | 1500 |
| 27 | ГАЗ-2410 | 01-31 В 02 | 1992 | | 700 |
| 28 | ВАЗ 2106 | 16-68 А 01 | 2000 | | 3180 |
| 29 | ВАЗ 21063 | 16-67 А 01 | 1999 | | 3282 |
| 30 | ВАЗ - 21061 | 62-84 А 01 | 1997 | | 3087 |
| 31 | ВАЗ-2106 | 62-76 А 01 | 1995 | | 3267 |
| 32 | ГАЗ-3110 | 57-83 А 01 | 1997 | | 3811 |
| 33 | ГАЗ-31029 | 33-15 А 03 | 1993 | | 1845 |
| 34 | ВАЗ-21061 | 05-44 В 03 | 1998 | | 1415 |
| 35 | УАЗ-31512 | 33-17 А 03 | 1995 | | 1029 |
| 36 | УАЗ-31512 | 27-02 А 03 | 1995 | | 2340 |
| 37 | УАЗ-31514 | 27-06 А 03 | 1996 | | 3087 |
| 38 | УАЗ-31512 | 27-07 А 03 | 1995 | | 4018 |
| 39 | ГАЗ-31029 | 26-95 А 03 | 1995 | | 3087 |
| 40 | Дайво Эсперо | 01-13 А 01 | 1994 | | 6944 |
| 41 | ВАЗ 21093 | 17-67 ХТА | 1994 | | 5315 |
| 42 | ГАЗ-3102 | 51-15 А 01 | 2000 | ГУП по организации продаж государственного имущества | 3419 |
| 43 | ГАЗ - 31029 | 09-75 А 01 | 1993 | Киностудия «Тоҷикфилм» | 2000 |
| 44 | ГАЗ -69 | 70-56 А 01 | 1976 | Институт геологии, сейсмостойкого строительства и сейсмологии Академии наук Республики Таджикистан | 983 |
| 45 | УАЗ-469 | 047 ВР 01 | 1980 | Кулябский государственный Университет имени Абуабдулло Рудаки | 900 |
| 46 | МАЗ | Е 39-58 03 | 1982 | | 4500 |
| 47 | ГАЗ-24 | 15-07 А 01 | 1997 | | 1782 |
| 48 | ЗИЛ ММЗ -45023 | 19-37 А 01 | 1997 | ГУП «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 18450 |
| 49 | ЗИЛ-130 АПГ-17 | 18-47 А 01 | 1995 | | 16909 |
| 50 | ЗИЛ-130 | 79-71 А 01 | 1989 | | 20278 |
| 51 | Автокран Днепр | 82-40 А 01 | 1985 | | 138772 |
| 52 | Автокран КС 3575 | 28-18 А 01 | 1992 | | 12994 |
| 53 | Булдозер Т-333 | 17915 Д | 1995 | | 63109 |
| 54 | Погрузчик ТО-18 ДН5 | 15987 Д | 1994 | | 18144 |
| 55 | Урал тягач | 81-08 А 01 | 1986 | | 25535 |
| 56 | МТЗ-80 | 27-16 ТЧ | 2000 | Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороны при Правительстве Республики Таджикистан | 12062 |
| 57 | ГАЗ-53 | 027 ВВ 02 | 1980 | Управление внутренных войск Министерства внутренных дел Республики Таджикистан | 308 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84.**

Метод проведения: **английский.**

Время проведения: **10⁰⁰ часов.**

Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ.

В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** , а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

АХБОРИ ИТТИЛООТИИ №2

# КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ТЕНДЕРИ САРМОЯГУЗОРИИ № 2/3Т-РО ОИД БА ФУРӮШИ ИНШООТҲОИ ИҶТИМОӢ ЭЪЛОН МЕНАМОЯД

**(Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, телефон: 221-75-50, факс: 221-57-29)**

Барои иштирок дар тендери сармоягузорӣ шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва консорсиумҳо даъват карда мешаванд. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳои тендерии аризадиҳандагон дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27, ҳуҷраи кории №15 дар рӯзҳои корӣ анҷом дода мешавад. Қабули ҳуҷҷатҳо 17 декабри соли 2012 соати $17^{00}$ ба охир мерасад.

Тендер тибқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши объектҳои моликияти давлатӣ дар тендерҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004 таҳти №98 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Хоҳишмандон метавонанд Низомномаи мазкурро бо тариқи электронӣ аз сомонаи Кумита: www. gki. tj дастрас намоянд.

Аризадиҳандаҳо барои ба қайд гирифтан бояд мувофиқи талаботи Низомнома дар бораи тартиби фурӯши моликияти давлатӣ дар тендерҳо ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намоянд ва пардохти кафолатиро дар ҳаҷми 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот супоранд. Пардохти кафолатӣ ба суратҳисоби зерини Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад:

- бо доллари амрикоӣ: Credit Suisse Zurich, Switzerland SWIFT: CRESCHZZ80A Acc: 91223964 National Bank of Tajikistan SWIFT: NATJTJ 22 Acc: 22696840600010 Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan;
- бо сомонӣ: Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, РМА 010010058, Суратҳисоб №20204972561010100004 АМБ 350101800, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пардохти кафолатӣ ба нархи фурӯши лот дохил мешавад.

Шартҳои тендери сармоягузорӣ чунин мебошанд:

- харидори иншооти иҷтимоӣ дар муддати то ҳафт сол наметавонад соҳаи фаъолияти иншооти хусусигардидаро тағйир диҳад;
- маблағи сармоягузории иштирокунандаи тендер бояд на камтар аз 50 фоизи нархи ибтидоии иншоотро ташкил диҳад, ки он дар муҳлати 24 моҳ пас аз имзои шартномаи хариду фурӯш пардохт карда мешавад.

Ғолиби тендер иштироккунандае дониста мешавад, ки маблағи умумии пешниҳодҳои молиявӣ ва техникии ӯ аз ҳама зиёд аст.

Пешниҳоди молиявии иштироккунанда аз арзиш барои харид ва маблағи сармоягузорӣ ба иншоот иборат мебошад.

Пешниҳоди техникии иштироккунанда маълумот оид ба зиёд намудани миқдори кормандон дар иншооти ба тендер бароварда шударо дар бар мегирад. Шумораи пешниҳодгардидаи зиёд шудани кормандон бо ифодаи пулӣ дар ҳаҷми як маоши ҳадди ақалли моҳона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як корманд мубодила мегардад.

Дар ҳолати ғолиб омадан дар тендер, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда боҷи комиссионӣ дар ҳаҷми 5 фоиз ва боҷи давлатӣ дар ҳаҷми 0,5 фоиз аз нархи фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Бо мақсади фаҳмонидани қоидаҳои гузаронидани тендер барои иштироккунандагон рӯзи 4 декабри соли 2012 соати $14^{00}$ дар маҷлисгоҳи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27 конференсия гузаронида мешавад.

Маълумоти умумӣ дар бораи иншоотҳои иҷтимоӣ, ки ба тендери сармоягузорӣ бароварда мешаванд, дар ҷадвалҳои № 1 ва № 2 пешниҳод шудаанд.

### Иншоотҳое, ки дар тендери якдавра фурӯхта мешаванд

**Ҷадвали № 1**

| Рақами лот | Номгӯйи иншооти иҷтимоӣ | Суроға, телефон, факс | Соли ба истифода додани иншоот | Намуди асосии фаъолият | Масоҳати умумӣ, га | Арзиши ақалли лот (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, Ҷамоати деҳоти Навобод, маҳаллаи 15 | 1970 | иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 1,0 | 100 000 |
| 2 | Боғчаи бачагонаи №11 «Афсона»-и ҶСК ба номи С.Исоев | ноҳияи Ҷ.Румӣ, шаҳраки ба номи С.Исоев, кӯчаи Советӣ | 1973 | иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,92 | 200 000 |
| 3 | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 1972 | иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,42 | 300 000 |
| 4 | Боғчаи бачагонаи «Офтобак», ҶСК «Агросаноатии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Боғистон, шаҳраки Тоҷикистон | 1967 | иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,49 | 250 000 |
| 5 | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Паррандапарвар-2» | ноҳияи Ҷ.Расулов, деҳаи Деҳмой | 1984 | иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,9 | 320 000 |

**ЭЗОҲ:** хоҳишмандон метавонанд бо иншоот дар вақти корӣ шинос шаванд. Натиҷаҳои баррасии пешниҳодҳои иштирокунандагони тендери якдавра дар муҳлати то 24 декабри соли 2012 дар тахтаи эълонҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27 ҷойгир карда мешавад.

### Иншоотҳое, ки дар тендери дудавра фурӯхта мешаванд

**Ҷадвали № 2**

| Рақами лот | Номгӯйи иншооти иҷтимоӣ | Суроға, телефон, факс | Соли ба истифода додани иншоот | Намуди асосии фаъолият | Масоҳати умумӣ, га | Арзиши ақалли лот (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Боғчаи бачагонаи ҶСК «Табак» | шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ | 1987 | иҷрои вазифаҳои муассисаҳои соҳаи маориф | 0,65 | 500 000 |

**ЭЗОҲ:** иштироккунандагоне, ки аз интихоби квалификатсионии тендери дудавра гузаштаанд, метавонанд бо иншоот дар вақти корӣ шинос шаванд. Натиҷаҳои интихоби квалификатсионии тендери дудавра дар муҳлати то 24 декабри соли 2012 дар тахтаи эълонҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотемур 27 ҷойгир карда мешавад.

ИНФОРМАЦИОННОЕ СООБЩЕНИЕ №2

# ГОСУДАРСТВЕННЫЙ КОМИТЕТ ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## ОБЪЯВЛЯЕТ ИНВЕСТИЦИОННЫЙ ТЕНДЕР № 2/3Т ПО ПРОДАЖЕ СОЦИАЛЬНЫХ ОБЪЕКТОВ

**(Адрес: город Душанбе, улица Шотемура 27, телефон: 221-75-50, факс: 221-57-29)**

Для участия в инвестиционном тендере приглашаются физические и юридические лица, а также консорциумы. Регистрация тендерных документов заявителей производится по адресу: город Душанбе, улица Шотемура 27, кабинет №15 в рабочее время и заканчивается в $17^{00}$ часов 17 декабря 2012 года.

Тендер проводится в соответствии с Положением о порядке продажи объектов государственной собственности на тендерах, утвержденным Постановлением Правительства Республики Таджикистан №98 от 1 марта 2004 г. Текст положения можно получить в электронной форме с сайта Комитета: www. gki.tj.

Для регистрации заявителей необходимо представить документы, указанные в Положении о порядке продажи объектов государственной собственности на тендерах и оплатить гарантийный взнос в размере 350 показателей для расчетов за один лот. Оплата производится на расчетный счет Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан:

- в долларах США: Credit Suisse Zurich, Switzerland SWIFT: CRESCHZZ80A Acc: 91223964 National Bank of Tajikistan SWIFT: NATJTJ 22 Acc: 22696840600010 Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan;
- в сомони: Главное управление Казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, расчетный счет 20204972561010100004 МФО 350101800, ИНН 010010058, Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан.

Гарантийный взнос засчитывается в счет оплаты цены продажи лота.

Условия инвестиционного тендера следующие:

- покупатель социального объекта в течении 7 лет не может менять сферу деятельности приватизированного объекта;
- сумма инвестиций участника тендера должна составлять не менее 50 процентов от стартовой стоимости объекта, которое должно погашаться в течение 24 месяцев с момента заключения договора купли продажи.

Победителем тендера признается участник, предложивший самую высокую общую сумму финансового и технического предложения. Финансовое предложение участника состоит из стоимости объекта и суммы инвестиций.

Техническое предложение участника включает в себе информацию об увеличении количества работников объекта выставленного на тендер. Количество предложенных работников конвертируется в денежное выражение с учетом в размере одной минимальной месячной заработной платы в Республике Таджикистан на одного работника.

В случае победы на тендере, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный взнос в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, которые не включаются в цену продажи лота.

С целью разъяснения процедуры проведения тендера для участников 4 декабря 2012 года в $14^{00}$ часов в зале заседаний Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан по адресу: город Душанбе, улица Шотемура 27, состоится конференция.

Общие данные социальных объектов, выставленных на инвестиционный тендер представлены в таблицах №1 и № 2.

### Объекты, которые будут проданы на одноэтапном тендере

**Таблица № 1**

| Номер лота | Наименование социального объекта | Адрес, телефон, факс | Год ввода в эксплуатацию | Основной вид деятельности | Общая площадь, га | Минимальная цена лота (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Детский сад ОАО «Пахтаи Шаҳритус» | Шахритусский район, Сельский джамоат Навобод, посёлок 15 | 1970 | выполнение задач учреждений системы образования | 1,0 | 100 000 |
| 2 | Детский сад №11 «Афсона», ОАО имени С.Исоева | Район Дж.Руми, посёлок имени С. Исоева, улица Советская | 1973 | выполнение задач учреждений системы образования | 0,92 | 200 000 |
| 3 | Детский сад ОАО «Паррандапарварии Шаҳринав» | Шахринауский район, поселок Октябр | 1972 | выполнение задач учреждений системы образования | 0,42 | 300 000 |
